215590

С. Айнӣ

# Асарҳои мунтахаб

215690

С. Айнӣ

# Ашъори мунтахаб

[illegible] давлатии
«Китобхонаи миллии Тоҷикистон»
215590

*Тартибдиҳанда*
А. МАНИЁЗОВ

*Ба муносибати*
*80-солагии*
*рӯзи таваллуди*
*муаллиф нашр*
*мешавад*

Назм дар эҷодиёти устод С. Айнӣ, алалхусус дар марҳалаҳои аввали фаъолияти адабии ӯ ҳамчун яке аз жанрҳои асосӣ мавқеи намоёне дошт. Вале, мутаассифона, то ҳол на фақат фаъолияти шоирии нависанда ҳаматарафа таҳқиқ нашудааст, балки намунаҳои ашъори ӯ низ, ба истисноии маҷмӯаҳои „Ахгари инқилоб" (1923) ва „Ёдгорӣ" (1935), ки худи шоир тартиб додааст, ба таври пурратар ба назари хонандагони имрӯза расонда нашудааст.

Аз ҳамин сабаб тартиб додани ҳамин навъ як маҷмӯае, ки лоақал баъзе намунаҳои ашъори камьёб ва чопнашудаи устод С. Айниро дар бар гирифта бошад, лозим дониста шуд. Азбаски дар оянда наздик „Куллиёт"-и чандҷилдаи нависанда нашр гардида, тамоми осори назмии ӯ дар яке аз ҷилдҳо гирд оварда мешавад, мо дар ин маҷмӯа бо овардани ҳамин баъзе намунаҳо иктифо намудем.

*Тартибдиҳанда.*

# Шеърҳои давраи советӣ

## МАРШИ ҲУРРИЯТ

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат,
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам!.. Эй адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Хуни мо шуд ҳадар рӯзгорон,
Бар муроди ду-се нобакор.
Бар муроди дили дӯстдорон,
Ҷони ин нобакорон барор!

Дар ҷаҳон зулми золим намонад,
Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.
Дар ҳама шаҳди шодӣ чашонад
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Ҳар ситамгори дун хурраму шод
Солҳо ҷоми ишрат чашид.
Дар шаби тираи ҷавру бедод
Ҳар ситамдида меҳнат кашид.

Оқибат офтоби адолат
Бар сари бенавоён битофт.
Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,
Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт.

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод,
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

с. 1918.

## БА ШАРАФИ ИНҚИЛОБИ ОКТЯБРЬ

Эй машъали рахшони адолат, зи кучой?
к-имрӯз ба мой!
Торикии бедод зи гетӣ бизудой!
Моно ки зиёӣ?!.
Онхо, ки ба болои раоёи ситамкаш
буданд чу оташ,
Хокистарашон аз ту шуд имрӯз хавой,
ту рӯзи ҷазой!
Дуньёи куҳан аз қадамат зеру забар шуд,
дуньёи дигар шуд;
Онҳо, ки заданд҅ ҳама дам лофи худой,
карданд гадой.
Ни қудрату ни сатвату ни шавкату ни шон
кас дид ба кайхон?!.
Не, не! ту ба шафқат дили моро бирабой,
маҳбубаи мой.
Меҳнаткаши бечора пас аз диддани сад ҷабр,
эй вақъаи Октабр!
Аз марҳаматат ёфт зи андӯх раҳой,
ту мурғи ҳумой!

Аз теғи ҷафо хуни басе бегуноҳон рехт,
чун оби равон рехт,
То чеҳраи гулгунаи таҳқиқ намой,
дар даҳри риёӣ,
Баҳри дили ёрони ситамдидаи мазлум,
меҳнаткаши маъсум,
Дар даҳр абадуддаҳр кунӣ ҳукмравой,
ҳам дер бипой.

с. 1918.

## МАРСИЯ

**Дар кушта шудани бародарам Ҳоҷӣ Сироҷ дар зиндони амир**

I

Дӯстон! фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам.
Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш,
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!
Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст
Додарам — қуввати рӯҳу дилу қути ҷигарам.
Аз ҳуҷуми аламам қуввати фарёд намонд,
То чунин дашнаи бедод фалак зад ба сарам.
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

II

Баъд аз ин тоқату ором мапурсед зи ман!
Баъд аз ин шодии айём мапурсед зи ман!
Субҳи шодии абадӣ дур шуд аз ман, пас аз ин
Ғайри шоми алам анҷом мапурсед зи ман!

Аз теғи ҷафо хуни басе бегунаҳон рехт,
чун оби равон рехт,
То чеҳраи гулгунаи таҳқиқ намой,
дар даҳри риёй,
Баҳри дили ёрони ситамдидаи мазлум,
меҳнаткаши маъсум,
Дар даҳр абадуддаҳр куний ҳукмравой,
ҳам дер бипой.

с. 1918.

## МАРСИЯ

**Дар кушта шудани бародарам Ҳоҷӣ Сироҷ дар зиндони амир**

I

Дӯстон! фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз ин фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам.
Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш.
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!
Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст
Додарам — қуввати рӯҳу дилу қути ҷигарам.
Аз ҳуҷуми аламам қуввати фарьёд намонд,
То чунин дашнаи бедод фалак зад ба сарам.
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

II

Баъд аз ин тоқату ором мапурсед зи ман!
Баъд аз ин шодии айём мапурсед зи ман!
Субҳи шодӣ абадӣ дур шуд аз ман, пас аз ин
Ғайри шоми алам анҷом мапурсед зи ман!

Рӯзам аз шаб накунад фарқу сабоҳам аз шом,
Шабу рӯзу саҳару шом мапурсед зи ман!
Реза шуд пайкарам аз шиддати андӯҳу алам,
Асари шиддати олом мапурсед зи ман!
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

III

Эй ҷафопеша фалак нолаву фарьёд аз ту!
Нест ҷое зи ту ободу диле шод аз ту!
Ҳар ниҳоле ки дар ин боғ барӯманд шуда,
Канда гардида ба бедод зи буньёд аз ту!
Бод, эй модари айём, насиби ту ҳалок!
Ки ҳама меҳнату андӯҳу алам зод аз ту!
Дилу ҷону сару ҳушу хирадам рафт ба бод,
Хӯрдаам сахт чунон дашнаи бедод аз ту!
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

IV

Ҷамъ гардида ба як ҷой ситамгоре чанд,
Ба кушишхона чунон ки саги хунхоре чанд,
Даври як золими мурдори ситамгори сафеҳ,
Гирд гардида ситампешаи мурдоре чанд,
Гӯсфандвор ба ханҷар зада сар инсонро
Бикашиданд зи хуи соғари саршоре чанд.
Ҷон супурданд ба анвои ҷафову зорӣ,
Чанд озурдадил аз дасти дилозоре чанд.
Ҳам дар он маслахи аҳрор ҷигаргӯшаи ман
Кушта гардида ба фармудаи ашроре чанд.
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

## ИНҚИЛОБ

*Ба журнали „Шуълаи инқилоб"*

Инқилоб офтобро монад,
Ёки тӯфони обро монад.
Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон,
Инқилоб офтобро монад...
Пеши тӯфони инқилоб, ҷаҳон
Пеши тӯфон ҳубобро монад.
Мавсими инқилоб, рӯи замин
Ҳолати изтиробро монад.
Аҳли бедод мерасад ба ҷазо,
Арасоти ҳисобро монад.
Оқибат Шарқ мешавад бедор,
Гарчи ин фикр хобро монад.
Орзӯе ки дошт шоҳи Фаранг
Ба назарҳо саробро монад.
Шарарафшонии нали килкам
Шуълаи Инқилобро монад.

с. 1919.

## ИНҚИЛОБ

Буд чанде ба ғам
мубтало шайху шоб,
Шайх дар таҳлука,
шоб дар печу тоб.
Канда буньёдҳо
чавру бедодҳо,
Синаҳо пур зи хун,
дидаҳо пур зи об.
Фиркае бесабаб
дар ниам, дар тараб,
Фиркае бегунаҳ
дар бало, дар азоб.
Фирқае рӯзу шаб
дар тапиш, дар тааб,
Фиркае субҳу шом
масти чоми шароб.
Фирқае ҳукмрон
дар чаҳон беамон,
Фирқае ҳукмбар
бесуолу чавоб...

213590

2—2345



А. Мухторов

Аз теғи ҷафо хуни басе бегуноҳон рехт,
чун оби равон рехт,
То чеҳраи гулгунаи таҳқиқ намой,
дар даҳри риёй,
Баҳри дили ёрони ситамдидаи мазлум,
меҳнаткаши маъсум,
Дар даҳр абадуддаҳр куни ҳукмравой,
ҳам дер бипой.

с. 1918.

## V

Ин шунидам, ки ду-се золими хунхори дурушт
Дасти он хастаи мазлум бубастанд ба пушт:
Раҳм н-оварда ба бечорагию бегунаҳеш,
Мезадандаш ҳама дам гаҳ ба лагад гоҳ ба мушт.
Ин ҳама зулм, ки он ҳукмиҳодон карданд,
На ба оини маҷусасту на кеши Зардушт.
Ҳеҷгаҳ мо нашунидем, ки инсонеро
Бабр, ё хирс ва ё хук бадин ваҳшат кушт.
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

## VI

Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!
Хоҳам он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сиаҳ яксон бод!
Хоҳам он тоҷ, ки зеби сари хунхоре шуд,
Бо сари соҳиби худ зебдеҳи зиндон бод!
Хоҳам он қаср, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,
Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод!
Хоҳам он зумра, ки имрӯз таҳаккум дорад,
Даст бастâ ба дари маҳкамаҳо ҳайрон бод!
Хоҳам он муфтию он қозию он шоҳу вазир
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!
К-ин ҳама зулм ба даврон ки бадин ваҳшат рафт,
Баҳри омодагии ишрати ин ҳазрат рафт.

с. 1916.

З-ин мухолиф гурўҳ
мамлакат дар сутўҳ,
З-ин муонид фирақ
мулк дар изтироб.
Ҳол ин гуна буд,
хост шўре ануд,
Кард кошонаи
мустабиддон хароб.
Ҳайратам даррабуд,
к-ин чӣ ошўб буд?
Омад аз ҳашт сў
инчунинам ҷавоб:
Инқилоб!
Инқилоб!
Инқилоб!
Инқилоб!
Инқилоб!
Инқилоб!
Инқилоб!
Инқилоб!

с. 1921.

## АХГАРИ ИНҚИЛОБ

Аз ахгари инқилоби мо сӯхт
Дуньёи ситамгарон чу хошок.
Афсӯс маҳӯр, ки сӯхт олам,
Баргӯй, ки. „Хас каму ҷаҳон пок".

с. 1921.

## ИНҚИЛОБИ СУРХ

*Назира ба ғазали А. Лоҳутӣ*

Дар оташи ситам ҷигарам шуд кабоби сурх,
Аз хуни мустабид қадахе деҳ шароби сурх.
Аз инқилоби сурх расид ин хитоби сурх:
„К-эй зулмдидагон, сари шоҳу ҳисоби сурх!"
Бар сих зан дилу ҷигари ҷаврпешагон!
Кайфиййати шароб диҳад ин кабоби сурх.
Шамшери интиқом маниддоз дар наём!
Сар то сари ҷаҳон накунӣ то туроби сурх.
Дар баҳри хуни ҷавру ситампешагон замин
Бояд ки изтироб кунад чун ҳубоби сурх.
Хезед, эй гурӯҳи ситамдидагон, ба азм!
Дар рӯзгори кӯҳна кунед Инқилоби сурх!
Резед хуни душмани синфии худ чу шер!
Аз дида буздилона чӣ резед оби сурх?
Айнӣ, ба як ғазал натавон шарҳи ҳол кард,
Бояд ба инқилоб навиштан китоби сурх.

с. 1923.

## ТАРОНАИ КАМБАҒАЛОН

Мо камбағалонем ба ҳар гуна баҳона,
аз дасти замона,
Ҳар тири ситамро, ки ҳамегашт равона,
будем нишона.
Мо камбағалонем, ки осуда нагашта,
дар аҳди гузашта,
Гаштем басе дарбадару хонабахона
ҳам сарсариёна.
Мо камбағалонем, ки беҷомаву беҷой,
дар бандагии бой,
Кардем басе меҳнати тоқатшиканона,
рӯзона, шабона.
Ҳар соату ҳар сония омодаи мурдан,
завлона ба гардан,
Занҷир ба по, теғ ба сар, чӯб ба шона,
зиндон, канахона!
Охир зи тани мо, зи дили мо, зи сари мо,
ҳам аз ҷигари мо,
Зад оташи пуршӯълаи пуршӯр забона,
ошӯбгарона;

3-ин оташи пуршӯълаи мо кӯҳначаҳон сӯхт,
дарбори шаҳон сӯхт,
Ҳам қоидаи кӯҳнаи бедодгарона
гум шуд зи миёна.
Мо камбағалонем, ки ин водию ин дашт,
кардем чу гулгашт.
Ҳарчанд ки пиндошта буданд фасона
арбоби замона.
Бо шавқ гузаштем ба колхозу комуна,
дар шакли намуна,
Аз зиндагии яккагии сарсариёна,
осудадилона.
Ин меҳнати пурманфаат, ин ҳиммати сангин
шоистаи таҳсин!
Гуем сазад аз зафари хеш тарона,
бо чангу чағона.

с. 1929. (Аз романи „Дохунда")

## ШОИСТАИ ҲУРМАТ

*Ба ҷашни чиҳилсола фаолияти адабии устоди бузург Максим Горький*

Фарзанди гаронмояи фарзонаи меҳнат,
Шоистаи таҳсини самимонаи меҳнат,
Шамшерқалам, тирсухан, барқтафаккур,
Шогирди рашиди университети тадаббур,
Пешонаи восеъ зи тафаккур шуда чин-чин,
Чашмони дурахшон диалектик-ҷаҳонбин;
Бо кӯшиши чилсолаи ин пири кӯҳансол
Шаҳбози ҷаҳонсайди адаб ёфт пару бол,
Шаҳбози ҷаҳонсайди адаб—он адабиёт,
К-аз зиндагии меҳнатии пролетариёт,
Аз зиндагии ҷангии меҳнаткаши ҷаррор,
Бо душмани синфии ҷафопешаи хунхор,
Аз зиндагӣ—аз зиндагии тозаи пурҷӯш,
Дар сохтани социализм бо хираду хуш;
Аз зиндагӣ—аз зиндагии санъату меҳнат,
Бунёдгузорандаи қасри маданият,

Он сон маданийят, ки дар ин дахри кухансол
Амсол-ш надидаст касе то ба ҳамин ҳол,
Он сон маданийят, ки ҷаҳон зеру забар сохт,
Дуньёи кухан сӯхту дуньёи дигар сохт.
Бо санъати пурмеҳнаташ ин пири кӯҳансол,
Ин пири куҳансоли ҷаҳондидаи фаъол
Гардида зи Ленин
Шоистаи таҳсин.
Шоистаи таҳсини самимонаи меҳнат!
Шоистаи ҳурмат!

с. 1932.

## 15 СОЛ

Понздаҳ сол пеш аз ин ба ҷаҳон
Тоҷикистон набуду номаш ҳам,
Буд оре ба ном кӯҳистон
Кӯҳсоре харобу пурмотам,
Аз фишори амиру бою вазир
Сангҳояш шикаста хӯрда ба ҳам...
Дар чунин ҳол оташин селе
Аз лаби Нева зад забона бурун,
Канд буньёди аҳли истисмор
Аз лаби Нева то лаби Ҷайҳун.
Сӯхт бахти амирҳо бо тахт,
Шуст чашми ятимҳо аз хун...
Буд ин сел Инқилоби Кабир —
Инқилоби Кабири Октабир.
Рӯи худ чун ба сохтмон овард,
Ҷои дуньёи кӯҳнаи вайрон
Як ҷаҳони нави ҷавон овард,
СССР-у ҳам саноати он
Сохт, пардохт, дар ҷаҳон овард.

Ҳафтӯмин рукни ин бузургбино
Кишвари тоза—Тоҷикистон шуд,
Тоҷикистон зи пахтаи мисрӣ
Рашкангези Англистон шуд.
Пеши Вахшстрою Варзобаш
Капитализми ғарб ларзон шуд.
Ин ҳама корҳо, ки дар зарфи
Понздаҳ сол рӯй оварда,
Ҳамаро пролетари СССР
Бо нишондоди фирқааш карда...

с. 1932.

## КОРВОНИ СУРХ

Ба бахти пахтакорҳо
Шукуфта пахтазорҳо,
Дарахтҳои мевагӣ
Чунон ки дар баҳорҳо.
    Чинакчиёни тезчанг
    Зи пахтаи сафедранг
    Намуда лаб-балаб таранг
    Ҷуволҳо, қанорҳо.
Аробаҳо қатор шуд,
Шутур ба зери бор шуд,
Ба шаҳр раҳсипор шуд
Гурӯҳҳо, қаторҳо.
    Гурӯҳҳои коргар
    Ба пешвози ин ҳашар
    Навохта ба раҳгузар
    Дуторҳо, сеторҳо.
Гурӯҳи корвони сурх
Ба саҳни имтиҳони сурх
Зи пролетар нишони сурх
Гирифтааст борҳо.

## ХОНАИ ЛАШКАРИ СУРХ

Кӯшке пурбаҳову пуразамат,
Сахтбуньёду оҳаннибуньён.
Як тараф сабза, як тараф гулзор,
Як тараф боғ, як тараф бӯстон.
Як тараф тӯ-батӯ газету китоб,
Навчавонон дар истифода аз он.
Як тараф тӯп, як тараф милтиқ,
Як тараф гӯй, як тараф майдон.
Духтарон барқвор дар ҳаракат,
Писарон раъдвор дар ҳаяҷон.
Мармарин пойҳо сабукрафтор,
Оҳанин ҷисмҳо сабукҷавлон.
Ҳама саргарми машқу варзиши ҷанг
Даст дар кору гӯш дар фармон.
Варзиши ҷанг, на ба қасди ҳуҷум,
Балки баҳри ҳифозат аз удвон...
Ҳаст ин ҷо клуби Лашкари Сурх —
Лашкари Сурхи коргар, деҳқон.
Ватану мулки социалистӣ
Ҳаст ин сону ин клуб дар он.
с., 1933.

## ПАЙРАВ ЗИ МИЁН РАФТ

Пайрав, ки яке шоири шӯрони мо буд,
Сад ҳайф ки дар айни ҷавонӣ зи ҷаҳон рафт.
Дар даҳр баҳорасту хазонаст, валекин
Афсӯс тавон хӯрд бар он гул, ки ҷавон рафт.
Аз маҳфили аҳбоб дар ин мотами ҷонсӯз
То абри сиях дудсифат оху фиғон рафт.
Лекин насазад нола, ки аз гулшани шӯро
Сад ғул расад он рӯз, ки як гул ба хазон рафт.
Сад пайрави комил ивази ин бирасонем,
Як Пайрави наврастаи мо гар зи миён рафт.

с. 1933.

## „СОИҚА"

*Ба муносибати ҷашни сисола фаолияти адабии устоди санъаткор шоири ҷаҳоншумул рафиқ Лоҳутӣ.*

Абр шӯриду баҳр туғъён кард,
Раъд ғурриду барқ ҷавлон кард,
З-ин миён барҷаҳид соиқае,
Ки ҷаҳонро тамом ҳайрон кард.
Ба сари буржуо чироғак зад,
Рӯи муздурро дурахшон кард.
Ба дили ранҷбар далерӣ дод,
Хотири муфтхӯр ҳаросон кард.
Буд ин—шеърҳо, ки Лоҳутӣ
Дар раҳи Инқилоб илҳон кард.
Аз „Кремль"-аш, ки бомбасон асарест,
Ларза дар қасри подшоҳон кард.
Аз „Рубой" ба чор сӯи ҷаҳон
Карнаи Инқилоб ғуррон кард.
Аз „Зафарнома"-и дурахшонаш,
Зафари ранҷбар намоён кард.

Аз суруди сururангезаш
Маҳфили дӯстон гулистон кард,
Аз нашиди ситезаомезаш
Хотири душманон парешон кард.
Чун вуҷудаш ба Инқилоб сиришт
Ҳар чӣ—кун!—гуфт Инқилоб, он кард.
Пролетарро ҳамеша фармон бурд,
Ранҷбарро мудом изъон кард.
Тӯдаи пролетар ҳам аз баҳр
Ҷашни сисолагеш эълон кард.
Баски ӯ зубдаи лаёқати худ
Сарфи муздури Тоҷикистон кард,
Баҳри ин ҷашн Тоҷикистон ҳам
Хештанро бригад эълон кард.
Ӯзбекистон, ҳам Осиёи Васат
Ин маросим чу зарбдорон кард.
Пролетарҳои ҷумла СССР
Мадҳу табрикҳои шоён кард.
Ин сурури умум Айниро
Ҳам саногӯй, ҳам ғазалхон кард.

с. 1933.

## ОКТЯБРИ 16 СОЛА

**достон.**

Эй Октабир—Инкилоби Октабир!
Эй моҳ!
На,
Офтоби Октабир!
Аз модари даҳр то бизодӣ,
Меҳнаткашро расид шодӣ,
Чашмаш ба ҷамоли ту барафрӯхт,
Чашмони умед сӯи ту дӯхт.
Дар парваришат ба ҷон камар баст,
Бар рӯи мухолифи ту дар баст.
Аз бас ба камоли ту якин дошт,
Нотарс аламн туро барафрошт...
Аммо душман, ки дошт кӯрӣ,
Ин шӯришро шумурд „зӯрӣ".
Пиндошт ки:
тифли бемадорӣ,
Навзодию куввате надорӣ,
Бо як ҳамла хароб гардӣ,
Барфию зи оташ об гардӣ...

Бархост, ба сӯят оташ афшонд,
Аспи ваҳшат ба рӯи ту ронд.
Аммо кардӣ ту пойдорӣ
Бо ёрии ҷумла пролеторӣ,
Бо роҳбарии коммунистон,
Як шуд ҳама коргар ва деҳқон
Аз баҳри ҳимояти ту бархост,
Дар саҳни мубориза саф орост...
Душман чу бидид ин ҷасорат
З-он тӯда, ки буд дар асорат,
Девонасифат ба ваҳшат омад,
Дар ҷанг зи ҳар тараф даромад,
Аз хориҷиён ҳам ӯ мадад хост,
Ӯрдуи сафеди хеш орост.
Сар шуд ҷанги граждонӣ,
Бо бераҳмию беамонӣ,
Ҷамъ омада аз даруну берун:
Як сӯ капитоли бахтвожун,
Як сӯ омода бо матонат:
Синфи навзод—синфи меҳнат.
Хун рехту ҷӯйҳо равон шуд,
Шуд куштаву пуштаҳо аён шуд...
Охир капитоли солхӯрда
Аз ин задухӯрд амон набурда
Аз синфи ҷавон шикаст бардошт,
Тарзи ҷанги кушода ғундошт,
Дар ҷанг усули худ дигар кард,
Ҷанги молии сахт сар кард,
Бурид муомилоти ҷорӣ
Дар молдорорию барорӣ.
Аз дохила ҳам зи мулкдорон
Дарьёфт ба худ муҳиббу ёрон.
Аз ин задухӯрди печдарпеч,
Аз ин ҷанги ниҳони сарпеч,

Бо сарфагарию бо қаноат,
Бо рост намудани саноат,
Бо воситаҳои андаруний,
Бо колхозу бо коммуни,
Бо ҷанги басе ҷуқури синфӣ,
Бо танвири шуури синфӣ...
Муздур ба ғолибӣ баромад,
Даври капиталро саромад.
Аммо капитал боз нағнуд,
Роҳи иғвою фитна паймуд:
Дар дохили фирқа аз „чапу"-„рост".
Дар ранги опартунистӣ бархост,
Мехост, ки аз даруи газояд,
Чун кирми даруни мева хояд.
Лекин ҳизби матини Ленин,
Бо роҳнамоии Сталин,
Дар ин заду хӯрд ҳам зафар ёфт,
Сарпанҷаи хасми хешро тофт.
Эй Октабир—Инқилоби Октабир!
Эй моҳ!
Не,
Офтоби Октабир!
Акнун ки ба шонздаҳ расидӣ,
Дар синни балоғатат чӣ дидӣ?
— Дидӣ синфи матин, тавоно.
Эй Октабир—Инқилоби Октабир!
Эй моҳ!
Не,
Офтоби Октабир!
Инҳо ҳама дар ҷавонии туст,
Навбовам комронии туст:
Фардо, ки дигар камол ёбӣ,
Аз рӯи ҷаҳон висол ёбӣ,
Дар сояи ҷангуҷӯши синфӣ,

Бо сахттарин хурўши синфӣ,
Дуньё биниӣ зи синф холӣ:
Инсон ёбад ҳаёти олӣ.
Эй Октабир—Инқилоби Октабир!
Эй моҳ!
На,
Офтоби Октабир!
Урра! Урра!!!
Ба пеш биштоб!
Биштобу саодати башар ёб!
Биштоб, ки масса ҳомии туст.
Шамшери бараҳнаат ГПУ-ст.

с. 1933.

## ЯКЕ АЗ ШЕРМАРДОН

*(Дар вафоти рафиқ Киров)*

Эй во! Эй во!!! рафиқ Киров,
К-он буд яке зи шермардон,
Дар саҳни ҷидолҳои синфӣ,
Андар сафи пеш буд ҳар он...
Рӯбоҳхиял ғаним ӯро
Бо тири разил кард қурбон.
Мо раҳ надиҳем заъф бар хеш,
Гар шере шуд зи шермардон:
Дар бешаи сабзи социализм
Шерон бирасанд боз чандон,
К-ин дуньёро кунанд озод
Аз ҳайвони дарандадандон,
Оранд ба ҷангҳои синфӣ
Бесинф ҳаётро ба майдон.
Дуньё бираҳад зи дасти ваҳшат,
Масъуд шавад гурӯҳи инсон.

в. 1934.

## ЯК ҲАЁТИ АҶИБ

*(Дар вафоти Куйбышев)*

Як ҳаёти аҷиби пуркирдор,
Гоҳ дар кор, гоҳ дар пайкор.
Як ҳаёти тамом пурғавғо,
Гоҳ дар ҳуфья, гоҳ дар балво,
Гоҳ дар нафй, гоҳ дар зиндон,
Гаҳ ба роҳи гурез бо туғьён,
Як ҳаёти ҳамеша ҷангу гурез,
Ин гурез аст низ баҳри ситез,
Як ҳаёти ҷидолсаранҷом
Бо ситампешагони хуношом,
Як ҳаёти мудом афту дарафт,
Ҳар куҷо буд лозим ӯ мерафт.
Як ҳаёти шарораи дар санг,
Ки ҷаҳад ҳар қадар кунандаш танг...
Ин ҳаёти аҷиби Куйбышев аст,
Ин фарозу нишеби Куйбышев аст.
Дар чилу ҳафтсола умри хеш,
Кори садсола кард, балки беш.

Шоиздаҳсола буд, к-ин озод
Хештанро ба ҷанги синфӣ дод,
Дод худро ба роҳи ранҷбарон,
Дар ҳамин роҳ гашт ранҷбар он,
Дод худро ба фиркаи Ленин,
Рафт бо раҳбарии Сталин.
Рӯзҳои бузурги Октябр он,
Буд мардонавор дар майдон,
Баъди Октябр ҳам наёсуда,
Ҳар куҷо ҷанг буда, ӯ буда...
Ҷанг осуда сохтмон омад,
Бар сари сохтмон давон омад,
Дар раҳи сохтмон шабон-рӯзӣ,
Бо фидокорию ба дилсӯзӣ,
Саъйҳо карда, ранҷҳо бурда,
Партия он чи гуфт—кун!—карда,
Корҳои шигарфбуньён кард,
Ҳамгинонро ба хеш ҳайрон кард.
Сию се сол ин бузургниҳод
Дар раҳи Инкилоб кард ҷиҳод,
Дар ҳама умр гар даме осуд,
Ин ба вақтест, к-ӯ ба зиндон буд,
Бар сари кор оқибат ҷон дод,
Доғ бар синаи умум ниҳод.

с. 1935.

## ТОҶИКИСТОН

Кӯҳҳои баланди бепоён,
Дараҳои чуқури бепоёб,
Дараҳо рафта то ба қаъри замин,
Кӯҳҳо рафта то ба фавқи саҳоб,
Қаърҳояш надида ғайр аз сел,
Қуллаҳояш нарафта ғайри уқоб,
Сангҳои дурушти пойшикан,
Ағбаҳои маҳуфи гардантоб,
Наҳрҳои амиқ к-оби он
Дастнорас мисоли оби сароб,
Ҷӯйҳо тоб хӯрда ҳамчун мор,
Ғорҳо печ хӯрда чун гирдоб.
Пулчаҳо ларз-ларзи каснагузар,
Раҳчаҳо танг-тангн касноёб...
Тӯдаи сокинони он буданд
Умрҳо зери банди зулму азоб,
Зулм—зулми амиру миру вазир,
Бою эшону муфтию арбоб.
Ҷомаҳошон чу кафнҳои ғариб,
Хонаҳошон чу лонаҳои ғариб.

Синаҳошон ҳамешагӣ пурхун,
Дидаҳошон ҳамешагӣ пуроб,
Оши меҳӯрдагиашон—ғаму дард,
Оби нӯшидаиашон—хуноб...
Ин, ки дидед, Тоҷикистон буд,
То сари Инқилоб ин сон буд.
Инқилоб омаду дигаргун кард,
Мурдагонро зи гӯр беруи кард,
Яъне ин халқро, ки беҷон буд,
Руҳ доду ба як миён ғун кард:
Сахт барҳост ҷанги ҳамватанӣ,
Дараву дашту кӯҳ гулгун кард,
Тахту бахти амиру миру вазир
Сарнагунсор карду вожун кард,
Шайху мулло чу мурги бепар сохт,
Бою арбобро ҷигархун кард...
Мулк осуда гашту меҳнаткаш
Кӯшиши худ зи пеш афзун кард,
Қасрҳои хавариақ-осо сохт,
Шаҳрҳои матинсару бун кард,
Кӯҳро коҳвор парронид,
Сангро нарм ҳамчу собун кард,
Вахшро рахшсон ба ром овард,
Хорзор об доду гулбун кард,
Фабрикаҳо, заводҳо дар мулк
Сохт ҷандон, ки рашк Лондун кард.
Роҳҳои васеи асфальтӣ
Аз сари кӯҳ то ба ҳомун кард,
Сангу цементу регу оҳанро
Ба ҳам омехт турфа маъҷун кард,
Наҳрҳоро ба пой банд ниҳод,
Пул ба шохобҳои Ҷайҳун кард,
Илму дониш ба мулк нашр намуд,
Тифли дирӯзаро Фалотун кард.

Бо ривоҷи маорифу мактаб
Бесаводӣ зи мулк берун кард,
Кард озод духтару занро,
Сактагии ҳаёт мавзун кард,
Ҳоҷагиҳои хурди деҳқонро
Дод ёрӣ, ба як миён ғун кард,
Ширкати хоҷагии деҳқон сохт,
Кард артель, ёки коммун кард,
Агротехникаро ба кор андохт,
Ҳосили дастранҷ афзун кард,
Деҳаро мисли шаҳр, деҳқонро
Серу осудаву ҳумоюн кард...
Ин ҳама корҳо дар ин даҳ сол
Халқи мазлуми пештар чун кард?
Чунки меҳнаткашони СССР
Дод ёрию,
Кард роҳбарӣ
Фиркаи коммунисти ленинӣ,
Зери сардории сталинӣ
Мулки маҳруба, бин, гулистон шуд,
Номи ин мулк Тоҷикистон шуд.

с. 1935.

## МО МЕТОЗЕМ

Мо метозем, метозем,
Ҷони худро мебозем,
Дар ҷангу ҷӯши синфӣ
Бо ҷонбозӣ менозем.
Мо метозем, метозем,
Партизони сарбозем,
Дар таҳкими инқилоб
Сари худро мебозем.
Мо метозем, метозем,
Босмачиро месӯзем,
Кӯҳнагиро месӯзем,
Дунъёи нав месозем...

с. 1935.

## ДОСТОНИ ЗАФАР

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Буд аҳволамон дар гузаштазамон
Мурғу чанги шағол, мешу гурги дамон.
Буд фармонравон бою муллою хон,
Санг додандамон гар биҷустем нон.

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Мо ғуломони он давраи рафтаем,
Ҷуз ҳақорат дар он давра нашнуфтаем,
Мо ба зиндони он давраҳо хуфтаем,
Мо дар ишкели он давра по суфтаем

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Мо гузаштем аз он давраи зулмгар,
Мо набинем он зулмҳоро дигар,
Гашт ёвар ба мо тӯдаи коргар,
Фирқаи коммунист шуд ба мо роҳбар,

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Мо шикастем он ғӯл-ишкелро,
Мо гусистем он оҳанинҷелро,
Мо гузаштем он мавҷаи селро,
Мо расидем ин соҳили Нилро.

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Буржуои ҷаҳон гарчи шуд хашмнок,
Мо надорем аз он гургҳо ҳеҷ бок,
Мо ҷаҳонро кунем аз ситамгор пок,
Чун гулистон зи хас, чун маистон зи хок.

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Гуфтаҳои Ленин ҷумла азбар кунем,
Аз Сталин сухан сабт бо зар кунем,
Давраи кӯҳнаро маҳву абтар кунем,
Дар ҷаҳон сар ба сар даври дигар кунем.

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Мо ба рӯи ҳаво мурғи тайрон шавем,
Мо ба зери замин оби сайлон шавем,
Мо ба водии ях баркҷавлон шавем,
Мо ба баҳру ба бар тезсайрон шавем.

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

Дар раҳи сохтмон низ ҷавлон кунем,
Қасри сармояро ларз-ларзон кунем,
Социализмро сахтбуньён кунем,
Мо ҷаҳонро ба худ офаринхон кунем.

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб.

с. 1935.

## БА А. С. ПУШКИН

Вақте ки халқи Русия дар изтироб буд,
Ҷон дар азоб, тан ба ситам, дил кабоб буд,
Беилму безабон буду бенону бенаво,
Дар зулму дар шиканҷаву дар печу тоб буд.
Сар то сар ин замини пур аз сарвати фарох
Аз дастбурди зумраи ҳоким хароб буд...

Дар он замони тираи пурзулму пурзулом,
Пушкин намуд рӯй чу моҳ аз таки ғиём.
Ӯ аз сафою ҳилму муҳаббат сиршита буд,
Дилро зи гарди кину ҳасад пок шуста буд
То соҳиби саводу милоду қалам шуд ӯ,
Дар шоирӣ ба мардуми олам алам шуд ӯ.

Дар он муҳити тира қаламро чу шамъ кард,
Дар гирди шамъ оммаи халқ ҷамъ кард.
Тасвир кард лавҳи табиат ба обу ранг,
Бо санъате аҷиб, ки рассом шуд гаранг.
Тасвир кард ҳоли фаҷеи замони худ,
Гуфт аз забони ҳоли замон бо забони худ.

Аз саъю санъаташ адабиёт ҷон гирифт,
Бо ӯ забони русия рӯи ҷаҳон гирифт.
Лекин гурӯҳи сифлаи олимакоми рус,
Дидан нахост ин шарафи дудамони рус,
Дидан нахост зоғ сароянда-андалеб,
Дидан нахост афъӣ товуси дилфиреб.
Ӯро бадарға кард ба дашту ба кӯҳҳо,
Бар ӯ расонд зулму азобу сутӯҳҳо.

Дунболи ӯ гурӯҳи фурӯмоягон гумошт.
Ӯро асирвор ба таъқиби сахт дошт.
Сензури сахт монду нашуд чоп гуфтааш,
Бар халқ гашт гавҳари ноёб гуфтааш.
Аммо кӣ дида боди ба банд истодаро?!
Ё нагҳати ба қайди касе сарниходаро?!
Сензур агар ба гуфтани ӯ хат ҳамекашид,
Он гуфтааш даҳан ба даҳан халқ мешунид.
Имкон наёфт душман бандад забони ӯ,
Ӯ зиндаасту қуфл занад бар даҳони ӯ?
Тарсид лек фош гар ӯро талаф кунад,
Бар тири халқ синаи худро ҳадаф кунад...

Ночор рӯбасон раҳи тазвирро гирифт,
Дар доми сахти хештан он шерро гирифт,
Дар пеши тахти шоҳ, ки буд маҷмаи фасод,
Ӯро даруни як қафаси оҳанин ниҳод.
Бӯзинагони боргаҳи шоҳу шахси шоҳ,
Бар ӯ ҳуҷум карданд он сон ки саг ба моҳ...
Пушкин ба зиллату ба асорат надод тан,
Кӯшид шерсон ба халосии хештан:
Зад хешро ба панҷараи оҳанинқафас,
То бишканад қафас, кашад озодваш нафас,
Ё ҷон диҳад ба маъракаи разм мардвор,
Озодвор то раҳад аз он разилазор.

Охир дар он муборизаи сахт хаста шуд,
Бо теғи зулм тори ҳаёташ гусиста шуд...

Рӯзи вафоти шоири зиқадру зӯфунун,
Оташ фишонд халқ зи оҳу зи гирья хун,
Оташ фишонд, лек ҳамесӯхт дар ниҳон,
Хун мегирист, лек на бо шеваву фиғон.
Зеро ба занҷир кӯраи пурлахча баста буд,
Зеро ба ҷабр тори фиғонҳо гусиста буд...

Лек аз забони омма Лермонтови далер,
Ғуррид бар муқобили он зумра мисли шер:
Дар қатл ҳар разила, ки сар зад зи сӯяшон,
Бевахму тарс наърақунон зад ба рӯяшон...
Ӯ мурду тухми санъату шеъри навин бикошт
Ӯ мурду як бадеаи номурдание гузошт:
Ӯ мурду як хазинаи пурсарвати забон,
Бо номи шеъри рус аз ӯ монд дар ҷаҳон:
Ӯ мурду ёди ӯ ба дили халқ зинда монд,
Дилҳо ба шавқи шеъру сурудаш тапанда монд...

Дар асри хеш гарчи басе захму неш дид,
Сад сол баъд қадри сазовори хеш дид:
Тақдир ёфт қадри баландаш ба аҳди мо—
Дар аҳди большевикии иқболмаҳди мо...
Дар ин тариқа аҳди советии пуршараф
Пушкин бидид ҳурмати шоён зи ҳар тараф:
Дар шаст миллате ки аз ин пеш бештар
Буданд бехату қаламу ҳарфу бесавод,
Имрӯз бо забони худу ҳарфи хештан
Пушкиншинос гаштанд!
Ӯро кунанд ёд!

Эй Пушкин—эй суханвари олинишони халқ!
Бо ёди хеш зинда шудй дар миёни халқ!..
Ингуна хурмати адабиёту аҳли он,
Танҳо ба хоки поки советист ҳукмрон!

с. 1937.

**ҚАҲРАМОН ЛЕНИНГРАД**

Қалъаи адӯ кушод
Қаҳрамон Ленинград!
Нәкшааш ба бод дод
Қаҳрамон Ленинград!..

Дод мардумаш мадад:
Тӯпу танки беадад,
Гардани ғаним зад
Қаҳрамон Ленинград!

Аз нафири замбурәк,
Хасм гашт ҷонсарак,
Зад нишона як ба як
Қаҳрамон Ленинград!

Хасм торумор шуд,
Хандакаш мазор шуд,
Чун ба корзор шуд
Қаҳрамон Ленинград!

Гарчи бас ҷафо кашид
Аз ҷафогари палид,

Шарбати зафар чашид
Окибат Ленинград!
Қахрамон Ленинград!

Гург кард дамдама,
Шер кард ҳамҳама,
Дар ҷаҳон кунад ҳама
Ин тарона замзама:
Қахрамон Ленинград!
Қахрамон Ленинград!

с. 1943.

### СУРУДИ ЗАФАР

Меравад пеш, пеш, пеш—
Лашкари Сурхи мо дар раҳи хеш!

Роҳи ӯ роҳи душманкушӣ аст,
Интиқом аз ғанимон кашӣ аст,
Ҳамлааш ҳамлаи оташӣ аст,
Хасмсӯзӣ ба вай дилхушӣ аст.

Меравад пеш, пеш, пеш—
Лашкари Сурхи мо дар раҳи хеш!

Лашкари Сурхи мо қаҳрамон аст,
Дар набарди адӯ беамон аст,
Фатҳу фирӯзиаш бегумон аст,
Гуиё лови оташфишон аст.

Меравад пеш, пеш, пеш—
Лашкари Сурхи мо дар раҳи хеш!

Чун зи Лашкаркашаш ёфт фармон
Дар хурӯш омад ӯ мисли тӯфон,

Хасм хошоксон шуд гурезон:
Мераҳад аз ҷафо зуд инсон.

Меравад пеш, пеш, пеш—
Лашкари Сурхи мо дар раҳи хеш!

с. 1943.

## ҚАСИДАИ ҶАНГ ВА ЗАФАР

Гитлер, ки баровард дувум ҷанги ҷаҳонро,
Мехост кунад бандаи худ оламиёнро
    Баҳри ба амалории ин фикри хаёлӣ,
    Сар дод ба ҳар сӯи ҷаҳон хайли далонро.
З-ин ҷумла фиристод ба гулзори советӣ,
Дуздона, ба ногаҳ ҳама девонасагонро
    Ҳайвонсифат—он тӯдаи хунхори фашистӣ,
    Помол намуданд ҷаманрову ҷамонро.
Таҳқир намуданд ба ҳар ҷо маданият,
Карданд хароба ҳама ободмаконро.
    Бар хок заданд оби рухи ҷумлаи инсон,
    Сарпаст намуданд ҳама пиру ҷавонро.
Бурданд ба тороҷ зи ҳар сӯ ҳама ашьё,
Куштанд ба хорӣ ҳамаҷо одамиёнро.
    Куштанд касонро ба усуле ки ягон кас—
    То ҳол накуштаст бадон сон магасонро.
Гаҳ почаву гаҳ даст биканданд зи мардон,
Гаҳ синаву гаҳ сок буриданд занонро.
    Гаҳ пайкари пирон биниходанд ба тезоб,
    Гоҳе бификанданд ба оташ бачагонро.

Гаҳ наштари пурзаҳр халониданд ба чашмон,
Гаҳ чок намуданд ба ханҷар шикамонро.
Бурданд басе духтаракони ба канизӣ,
Карданд ба худ банда ҳазорон писаронро...
Европа ба ин даҳшату ин таҳлука тан дод,
Аз баски фашистон бихариданд саронро.
Аммо ба диёри шарафосори советӣ
Ҳаргиз натавон ёфт чунин бешарафонро.
Ин бешаи шерони қавишаъни далер аст,
Инҷо набувад ҷой ба ҷуз шери жиёнро;
Ин хонаи инсонияту шафқату мардист,
Дар хонаи инсон набувад роҳ ҳаронро;
Ин давлати пуршавкату ин миллати озод,
Асло надиҳад раҳ ба ватан роҳзанонро;
Бо даъвати пурнусрати сарлашкари олӣ
Бастанд ҳама мардуми мо сахт миёнро.
Бар зидди адӯ як тану як ҷон шуда, оре—
Кас ҳеҷ зи ҳам дур надида тану ҷонро.
Авлоди Суворов зи ҳама пеш даромад,
Бардошта худ бештарин бори гаронро.
Шуд роҳсипар бар сафи ҷанг Армияи Сурх
Нотарс,
сипар карда сару синаву ҷонро;
Дарронда ба ҳар ҳамла сафи душмани дунро.
Ларзонда ба ҳар наъра заминрову замонро;
Бо тир шикофида дилонро, ҷигаронро;
Бо тег барафканда саронро, сипаронро;
Бо ханҷари марговару бо найзаи ҷонкоҳ
Сӯрох намуда дили дарранда ладонро;
Бо автомату милтиқу бо тӯпи адӯкӯб.
Боронда ба сар оташи ҷонкоҳ хасонро;
Аз танк ба ҳам суда шинакҳои матинро;
Аз тӯб зи ҷо бурда сипарҳои битонро.
Душман чӣ қадар хост бубандад раҳи мо, лек—
Бастан кӣ тавониста раҳи барқи ямонро?!

Бигрехт аду аз дами мо оқибат, оре—
Кас тоб наоварда дами фили дамонро.
Даррандаи захмида сўи лона балар рафт,
Шояд нафасе дам диҳад онҷо тану ҷонро.
Аммо кй диҳад фурсати ором ба каждум?!
Ё раҳм кунад афъии пурзаҳрдаҳонро?!
Бо оҳани тафсида тани гунда гудозанд,
Бо санг кафонанд сари сангдилонро;
Дунбола гирифт Армияи Сурхи зафарьёб
Аз хасми даниӣ маҳвкунон хурду калонро,
Бартохт зи ҳар сўй сўи лонаи ваҳшй—
Чун барқ—
бадон сон, ки равад тир нишонро.
Аз хоку ҳаво соика борид бар онҷо,
Сўзонда ба як лаҳза ниҳонхонаи онро.
Он лонаи ваҳшонияту зулм фурў рехт,
Бигузошт зи худ хотираи зишт ҷаҳонро...
Он лона, ки ҷуғрофия Берлин бихонад,
Таслим бишуд лашкари пуршавкатамонро.
Он лонаи ваҳшй ба мисоли дили ў буд,
Чун рафт зи тан, дод зи каф тобу тавонро;
Он лофзаданҳои ҳавой ба ҳаво рафт;
Он ширкати бедодгарй баст дуконро;
Он маймаи дуи пора шуд, он „уливяти ирқ"
Дар пасттарин ҷой бадал кард маконро;
Он дабдаба, он машмаша шуд хок;

разилон—

Зону зада бар хоку фурў карда саронро
Бечунучаро гардани таслим бидоданд
Дар пеши ҷаҳон армияи фатҳнишонро
Чун армияи фатҳнишон—Армияи Сурх—
Афрохт ба олам аламн амну амонро,
Инсонинт озод шуду тантанаҳо кард,
Ин фатҳи суруровари пуршўҳрату шонро

Хунобаи ғам пок шуд;

az бодаи шодӣ—

Мардум бикашиданд қадаҳҳои гаронро;
Ин фатҳи калон ҷашни ҳама аҳли ҷаҳон шуд,
Бигрифт навоҳои тараб ҷои фиғонро.

Аз баҳри ба қайд-ории таърихи чунин фатҳ,
Айнӣ ба сар овард ба ин байт баёнро;
*Овозаи фатҳу зафари пурраи мо*—бин:
Бигрифт ба таърихи ҷаҳон рӯи ҷаҳонро.

с. 1945

## САЛОМ!

Ассалом, эй зи ҳама рӯи ҷаҳон зеботар!
Ассалом, эй зи ҳама аҳли замон донотар!
Ин саломест, ки мо аз дилу ҷон овардем,
Тӯҳфа аз ҷон ба дили оламу одам кардем,
Ин саломест фиристод зи магзи дилу ҷон
Халқи тоҷик ба уммедгаҳи халқи ҷаҳон;
Ин саломест, ки гашта зи муҳаббат тақдим
Ба ту, эй шаҳри муаззам! Ба ту, эй халқи азим!

Ба ту, эй маркази дониш!
Ба ту, эй нуқтаи биниш!

Ба ту, эй қалъаи маҳкамкунии сулҳу саломат!
Ба ту, эй ҳофизи ҷанговари илму маданийат!

Ба ту, эй Москва,
Эй москвагии маҳбуб!

Ин саломест фиристод зи магзи дилу ҷон
Халқи тоҷик ба уммедгаҳи халқи ҷаҳон;
Ин саломест, ки гашта зи садоқат тақдим
Ба ту, эй ҷони лувумборон ин халқи қадим;

Ин саломест аз он қатра, ки бо марҳаматат
Наҳри ҷорӣ шуду як ҷузъ аз ин дарьё шуд;
Ин саломест аз он зарра, ки бо тарбиятат
Партави равшане з-ин меҳри ҷаҳоноро шуд.
Ба ту, эй мақсади олам!
Ба ту, эй ҳомии одам!..

с. 1949.

## БА МАЯКОВСКИЙ

32 сол пеш аз ин рӯзе—
Шеърҳои туро шунидам ман,
3-он ба қонуни синаам сӯзе—
Зад забона,
　　　　　　Шарора чидам ман.
3-он шарора баромад овозе,
Буд ин марш—
　　　　　　Марши озодӣ,
Халқи тоҷик суруд бо шодӣ,
Гаҳ ба овозу гоҳ бо созе.

* * *

Шеърат аз дур—
　　　　　　аз лаби Нева
То ба Ҷайҳуни фиканд ҷӯшу хурӯш,
Халқи ҳар як забону ҳар шева
Тег дар дастҳо туфанг ба дӯш
Ҷонсипорона кард ҷангу масоф
Зидди шоҳу амиру бою вазир,
Зидди он золимони ноинсоф.

Бахри ташъйиди Инқилоби Кабир,
Чунки шеърат ба гуфтаҳои матин—
Кард илҳои шиори партиявӣ,
Гашт ҳофиз ба Ленин, Сталин,
Ки
　　аз ӯ ёфт халқ азми қавӣ

* * *

Шеърҳои ту асрҳои дароз—
Нурпошандаанд чун парвин.
Маяковский—ин чӣ ном аст?
— Ин,
　　　　Шуълаи инқилоби хасмгудоз!

с. 1950.

# Ғазалиёт

## ГУЛИ СУРХ

Рози дил мегуфтам, ар як маҳраме медоштам,
Шиквaҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.
Дар шаби ҳиҷрон намешуд захми дил реши равон,
Гар зи васли як парирӯ марҳаме медоштам.
Меҳнати гетӣ ба талхӣ кай рабудӣ ҷони ман,
Бусае гар аз лаби исодаме медоштам.
Аз тамошои Гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф, чун аҳли олам, дирҳаме медоштам!
Ин қадар дар изтироб афтодаам аз фикри худ,
Мешуд оромам, агар аз худ раме медоштам.
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб,
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

с. 1895

* * *

Эй ба гулгунрухи ту бандаю чокар гули сурх,
Чеҳра бинмо, ки ба пои ту ниҳад сар гули сурх.
Ба латофат лаби лаъли ту бад-он мемонад,
Ки даромехта бошанд ба шаккар гули сурх.
Ҷуз қаду орази зебои ту дар боғи ҷаҳон,
Кас надидаст сар оварда санавбар гули сурх.
Рӯи насрини ту моҳест, ки бар сар сунбул,
Мӯи мушкини ту морест, ки сар бар гули сурх.
Ин на шабнам, ки саҳаргоҳ ба боғ афтодаст,
Ба арақ гашта зи шарми рухи ту тар гули сурх.
Магар имрӯз гузаштӣ ба чаман в-арна набуд,
Пеш аз ин ин ҳама хушбӯю муаттар гули сурх.
Нест дар бӯй ба мӯи ту мусовӣ сунбул,
Нест дар ранг ба рӯи ту баробар гули сурх.
Айнӣ, аз шавқ ба рӯи ту ғазал мегӯяд,
Ҳамчу булбул, ки саройд ба чаман дар гули сурх.

* * *

Ёрро аз лутф бар холам назар будӣ, чӣ будӣ?
Ё маро ҷуз ошиқӣ кори дигар будӣ, чӣ будӣ?
Мерасид он бевафо як раҳ ба болинам чӣ мешуд,
Ё маро дар кӯи ӯ роҳи гузар будӣ, чӣ будӣ?
Васл бо ин кӯтаҳӣ ҳиҷрон бад-ин дуру дарозӣ,
Шоми ғам чун субҳи шодӣ мухтасар будӣ, чӣ будӣ?
Меҳру лутфе нест гар он шӯхро бо банда боре,
Қаҳру унфе бо рақиби сифла гар будӣ, чӣ будӣ?
То саманд аз ноз ҷавлон медиҳад, ҷон мефазояд,
Ҷисми зорам хок дар он раҳгузар будӣ, чӣ будӣ?
Дил рабуд аввал ба сад лутф в-онгаҳе холам напурсид,
Ин тағофул як-ду рӯзе пештар будӣ, чӣ будӣ?
Ёр меҳонад ба сӯи хеш арбоби ғаноро,
Айнии бечораро ҳам мушти зар будӣ, чӣ будӣ?

* * *

Эй ба гулгунрухи ту бандаю чокар гули сурх,
Чеҳра бинмо, ки ба пои ту ниҳад сар гули сурх.
Ба латофат лаби лаъли ту бад-он мемонад,
Ки даромехта бошанд ба шаккар гули сурх.
Ҷуз қаду орази зебои ту дар боғи ҷаҳон,
Кас надидаст сар оварда санавбар гули сурх.
Рӯи насрини ту моҳест, ки бар сар сунбул,
Мӯи мушкини ту морест, ки сар бар гули сурх.
Ин на шабнам, ки саҳаргоҳ ба боғ афтодаст,
Ба арақ гашта зи шарми рухи ту тар гули сурх.
Магар имрӯз гузаштӣ ба чаман в-арна набуд,
Пеш аз ин ин ҳама хушбӯю муаттар гули сурх.
Нест дар бӯй ба мӯи ту мусовӣ сунбул,
Нест дар ранг ба рӯи ту баробар гули сурх.
Айнӣ, аз шавқ ба рӯи ту ғазал мегӯяд,
Ҳамчу булбул, ки сарояд ба чаман дар гули сурх.

* * *

Карда маддоҳии рӯи ту тақаббул булбул,
Ҷуста аз сарв ба қадди ту тавассул сулсул.
Ҷоми ағъёр шуда аз асали лаб лаб-лаб,
Ба ман аз чист зи тундии тағофул фулфул?
Баста бо пайки ту пайванди таоҳуд ҳудҳуд
Карда бо аспи ту иқрори таодул дулдул.
Шуда бо лаъли лабат дур ба таволло лоло,
Карда бо савти хушат тарки тақобул булбул.
Гарчи, Айнӣ, ба раҳи ишқ тааддӣ дидӣ,
Аз адаб нест дар он кокули чун ғул ғул-ғул.

### МУВАШШАҲ

Нозукбутеро дар сайргаҳ дӯш
Дар сирк дидем, гаштем мадҳуш.
Европазоде, русинажоде,
Насрин бару дӯш, софибаногӯш.
Навбарниҳоле, дуҳафтсоле,
Натвон тамаъ кард з-ӯ бӯсу оғӯш.
Хар кас, ки дида он наврасида,
Аз даст дода сабру дилу ҳуш.
Ҷону сару дин дар роҳи ӯ бин,
То ҳаст мумкин, дар васли ӯ кӯш!
Оромиҷоне, ҷони ҷаҳоне,
Озодсарве, сарве қабопӯш.
Номе гузорӣ, то ёдгорӣ,
Бо номи он шӯх Айнӣ қадаҳнӯш!

с. 1930

* * *

Хоки пои дӯстон шуд тӯтиёи дидаи ман,
Ҷон пои дӯстдорон бод ҷон дидаи ман.
Дар ҳавоят ашк резонам, биё, биншин ба
чашмам,
Бас хушу хуррам бувад обу ҳавои дидаи ман.
Шуд сафед аз интизор охир ду чашмам, ёр
н-омад,
Менигар косасиёҳии гадои дидаи ман.
Об ҷорӣ шуд зи чашмам он қадар шуд лой
роҳаш,
Ёр воқиф не ҳанӯз аз моҷарои дидаи ман.
Чун диле дилбар ба оби чашм дод имшаб,
бигӯй:
„Ҷуз дили ман нест, Айнӣ, ошнои дидаи ман".

* * *

Гар ба гулшан анҷуманпиро хиромовар шавад,
Сарв—хидматгор, сунбул—банда, гул чокар шавад.
Баъд аз ин рози ману дилдорро то нашнаванд,
Он қадар афғон намоям, гӯши мардум кар шавад.
Мекунад хушк оҳи оташбори ман мактубро,
Вақти таҳрири алам гар з-оби чашмам тар шавад.
Кушт моро доғи он сангиндили соидсафед,
Дӯстон, санги мазорам бояд аз мармар шавад.
Пар барорам бо вуҷуди ин ҳама афтодагӣ,
Дар раҳе ки шӯхи бепарво чу бо ман пар шавад.
Саҳл бошад гар занад бо санги хориам рақиб.
Гар маро ром он суманрухсори симинбар шавад.
Кай кунад кас ихтиёри дарду доғи ишқ лек
Ҳар кӣ бинад рӯи ӯ дар ошиқӣ музтар шавад.
Чеҳра бикшо то ривоҷи рангу бӯи гул равад,
Ханда бинмо то касоди қимати шаккар шавад...
Қиссаи мову ту шуд афсонаи халқи ҷаҳон,
Ин ҳикоят ҳар куҷо ду кас нишинад сар шавад.
Беш аз ин гардад сиришк аз дидаи Айнӣ равон,
Пеш аз ин якчанд расво буд расвотар шавад.

* *
*

Хоки пои дӯстон шуд тӯтиёи дидаи ман,
Чои пои дӯстдорон бод чои дидаи ман.
Дар ҳавоят ашк резонам, биё, биншин ба
чашмам,
Бас хушу хуррам бувад обу ҳавои дидаи ман.
Шуд сафед аз интизор охир ду чашмам, ёр
н-омад,
Менигар косасиёҳии гадои дидаи ман.
Об ҷорӣ шуд зи чашмам он қадар шуд лой
роҳаш,
Ёр воқиф не ҳанӯз аз моҷарои дидаи ман.
Чун диле дилбар ба оби чашм дод имшаб,
бигӯй:
„Ҷуз дили ман нест, Айнӣ, ошнои дидаи ман".

* * *

Рӯзи ид аст, эй ҳарифон, бола дар соғар кунед!
Меҳнати сирӯза бо як ҷом дур аз сар кунед!
Бо навои чангу танбӯру дутору ною даф,
Ному нангу илму ақли зӯҳдро аз сар кунед!
Дилбаре ёбеду биншинед бо ӯ хуш ба айш,
Майгусорӣ мекунед имрӯз, бо дилбар кунед!
Чун сабукруҳон ду-се ратли гарон гиред чуст,
Гар гаронҷонӣ кунад зоҳид, буруи аз дар кунед!
Ҷомро бӯсед, номи он лаби майгун баред!
Бодаро нӯшед, ёди он рухи аҳмар кунед!
Бӯса густохона бар он ғабғаби симин занед!
Даст бебокона бар он гесуи чанбар кунед!
Чун шуморо ром шуд дар нармчашмӣ он ғизол,
Ин ғазал аз гуфтаи Айнӣ ба пешаш сар кунед!

* * *

Дерест, к-аз зулфи сияҳ савдо ба сар дорӣ маро,
Ҳар рӯз аз рӯзи дигар ошуфтатар дорӣ маро.
Вақти табассум аз лабат гаҳ ҷон бубахшӣ аз вафо,
В-аз ғамзаи чашми сияҳ гаҳ мӯҳтазар дорӣ маро.
Рӯзи фироқат, эй санам, афтодаам дар кунҷи ғам,
Шояд ки бо лутфу карам аз хок бардорӣ маро.
Андар фироқат дам ба дам месохтам андӯҳу ғам,
Аз интизорат ҳар замон таври дигар дорӣ маро...
Ҷон дар раҳат исор шуд, тан дар хавоят зор шуд,
Эй бемурувват, кор шуд, боз о, агар дорӣ маро.
Эй гул, нигар бар ҳоли ман, чанд аз самуми
фурқатат,
Дар навбаҳори ҳусни худ беболу пар дорӣ маро?!
Нозофаринеро, ки ман аз ҷон гирифторестам,
Айнӣ, зи номаш деҳ хабар, то бехабар дорӣ моро.

* * *

Ҳар кучо он комати зебо хиромонӣ кунад,
Оташи ғайрат ба ҷони сарви бустонӣ кунад.
Дил зи дарди талхии дашноми ӯ омад ба ҷон,
Он лаби ширин магар аз бӯса дармонӣ кунад.
Меравад ҳукмаш равон бар хубрӯёни ҷаҳон,
Тахти хубиро сазад имрӯз султонӣ кунад.
Тоқати дил мебарад гар турра торрорӣ барад,
Ғоратӣ ҷон мекунад гар чашм фаттонӣ кунад.
Ҷавру зулму кинаву бедод бар аҳли салоҳ,
То кай ин бебок ҳаст, аз номусулмонӣ кунад.
Рози мо, Айнӣ, ба олам фош гашт, аммо ҳанӯз
Пеши он шӯхи тоғафулпеша пинҳонӣ кунад.

* * *

Агар зи ноз дутор он маҳи ягона занад,
Бигӯ ки даст ба ҷуз пардаи дуго назанад.
Димоги маҷлисиёнро кунад муаттару хуш
Ба зулфи хеш нигорам даме ки шона занад.

Зи новак он чӣ ҷаҳад аз камони абрӯи ту
Ба синаам ҳамагӣ бехато нишона занад.
Чӣ масти кофари шӯх аст чашми ҷодӯят,
Ки роҳи дин ба фусунҳои ҷодувона занад.

Чу ёр гашт зи ман, дӯстон, канора шавед!
Ки накбати мани бадбахт бар шумо назанад.
Ракиб ваъдаи пул додааст, метарсам,
Ки роҳи дилбари моро ба ин фасона занад.

Ба боғ базм мукаррар чу гашт, ҳодимро
Бигӯй, тунбаку хиргоҳ шомиёна занад...
Ба ҳар куҷо ки шавад базм бо баҳонаи ваъз
Нигар ба шайх, ки худро дар он миёна занад.

Магар ба оламиён рози ӯ бурӯз афтод
Фақеҳи шаҳр кунун ҷоми май шабона занад.

Рақибро задани ман баихтиёр набуд,
Ки бандаро назанад банда, то худо назанад.

Ҳадиси ишқ ба зоҳид чунон бувад ки касе
Сухан ба аҳли қимор ар раиси хона занад.
Ҳамин зи феъли бади хеш мунфаил Айнист,
На таъна аз фалаку шиква аз замона занад.

* * *

Афтод то гузори ту пеши дукони атр,
Зад накҳати қабои ту оташ ба ҷони атр.
Чизе расид дӯш маро шуд димоғ чок
Буд он насими кӯи ту ё корвони атр...
Як атр аз маҳак набарояд дуруст агар,
Созанд бар ғубори дарат имтиҳони атр.
Дар аҳли холу зулфи суманбӯи ту зи даҳр
Гум гашта номи мушку намонда нишони атр.
Чун атри доманат набувад дар гули замин,
Гӯям сазад либоси туро осмони атр.
Айнӣ, шамими марҳамати дӯст то расид,
Доранд халқ бар сухани ман гумони атр.

* * *

Хезед, рафиқон, маи гулранг биёред,
Танбӯру наю доираву чанг биёред.
Асбоби тараб ҳар чӣ ки пайдост, намоед,
Ёбед рубобею ба соранг биёред.
Сорангу рубоб аст ба ҳам шӯриши маҷлис,
Соранг муҳайё нашавад, чанг биёред.
Оҳанги муғаннӣ ба дилам тез-асар нест,
Як шӯхи хушовозу хушоҳанг биёред.
Бисьёр ба олам паи номус нагардед,
Он ғорати ному шарари нанг биёред.
Яъне бути ҳарҷони бозории моро
Якранг тақал карда ба найранг биёред.
Гар ёр ба мо майл надорад ба дурустӣ
Аз роҳи дурустӣ шуда кашшанг биёред.
Бисьёр ба тангем аз ин хушфиребон
Як содарухи содадили ганг биёред.
Аз аҳли тараб кас нагузоред ба ҳар ҳол,
Ҳар кас, ки биёбед, ба ҳар ранг биёред.
Бо зорию зар кист, ки дар базм наёяд?
Зинҳор ки бе маншаву бе ҷанг биёред...

Дар мадраса гар май натавон хӯрд зи номус
Бе кайф гапе нест ҳабу банг биёред.
Имрӯз димоғи гули шаббӯй надорам,
Шаббӯй аз он турраи шабранг биёред.
Бас қофия танг аст ба Айнӣ, хабари Дӯст
Аз лутф дар ин қофияи танг биёред.

* *
*

Дӯстон, арзи умедам бар нигори ман баред!
Раҳмате бар хотири уммедвори ман баред!
З-ин диғру шаҳр тангам, шаҳриёри ман куҷост?
Лутф оред у маро дар шаҳри ёри ман баред!
Ё ба ман аз хоки пояш сурмаворӣ оваред,
Ё маро дар раҳгузори шаҳвори ман баред!
Ман катили ғамзаи нози нигори навхатам,
Пай бад-ин маънӣ зи райҳони мазори ман баред...
Гар ҳамехоҳед ҷон осон диҳам ҳангоми назъ
Ҷои такбиру тиловат номи ёри ман баред!
Дар парешонрӯзгорӣ гар равад Айнӣ зи даҳр,
Ҷамъ биншинеду ёд аз рӯзгори ман баред!

## ДАР ТАКМИЛИ ДУ БАЙТИ ИМТИХОНИИ ЗУЛФИ ЭРОНӢ

„Аз чаман беш аст дар домаш парафшонӣ маро
Ин парешонӣ ба домаш бод арзонӣ маро.
Ту ба теғам рониву ман бо дуо мехонамат
Бо чӣ мехонам турову бо чӣ меронӣ маро".
Хотири ҷамъе чӣ хуш пеш аз асирӣ доштам,
Кори Зулф аст, ин ки дорад дар парешонӣ маро.
Сар нагардонам зи теғат, гар кушӣ миннат кашам,
Ай сарат гардам чаро мамнун нагардонӣ маро?!
Гар ба ҳоне мешавад муфт аст меҳмонии ту,
Нақди ҷон бистону кун ташрифи арзонӣ маро.
Ишқу ҳусн омад карини якдигар, з-он додаанд
Оина рӯи турову чашми ҳайронӣ маро.
Аз дили сахти бутон, ё раб, чиҳо хоҳам кашид?
Ман ки вазъи шишагӣ, мекард сандонӣ маро.
Чашми шӯхи кофараш дил бурд, метарсам барад
Тақвию имону дин аз номусулмонӣ маро.
Фитратам, Айнӣ, чу тутиҷмат аст, аммо расид
З-оинатинат муҳибонам сухандонӣ маро.

* * *

Аз фиғону нола ранҷондем ёри хешро,
Худ сияҳ кардем охир рӯзгори хешро.
Зиндагонӣ бе висоли дӯст мушкил кор буд.
Мурда осон кардаам якбора кори хешро,
Ноумедӣ бин ки худ ҳардам тасаллӣ медиҳам
Аз забони ӯ дили уммедвори хешро.
Бо қаду рухсору зулфу чашму абрӯ бохтем
Аклу ҳушу тоқату сабру қарори хешро.
Бо мудорон ракибон гар зи васлат бар хурам,
То қиёмат мебарам дору модари хешро.
Тангам аз борони ашки худ, худоро, як замон,
Офтоби ман, намоён кун узори хешро.
Ишқ Айниро чунин беору беномус кард,
В-арна бо коре намеовард ори хешро.

**ДАР ТАКМИЛИ ДУ БАЙТИ ИМТИҲОНИИ ЗУЛФИ ЭРОНӢ**

„Аз чаман беш аст дар домаш парафшонӣ маро
Ин парешонӣ ба домаш бод арзонӣ маро.
Ту ба теғам рониву ман бо дуо мехонамат
Бо чӣ мехонам турову бо чӣ мэронӣ маро".
Хотири ҷамъе чӣ хуш пеш аз асирӣ доштам,
Кори Зулф аст, ин ки дорад дар парешонӣ маро.
Сар нагардонам зи теғат, гар кушӣ миннат кашам,
Ай сарат гардам чаро мамнуи нагардонӣ маро?!
Гар ба ҷоне мешавад муфт аст меҳмонии ту,
Нақди ҷои бистону куи ташрифи арзонӣ маро.
Ишқу ҳуси омад карини якдигар, з-он доданд
Оина рӯи турову чашми ҳайрони маро.
Аз дили сахти бутон, ё раб, чиҳо хоҳам кашид?
Ман ки вазъи шишагӣ, мекард сандонӣ маро.
Чашми шӯхи кофараш дил бурд, метарсам барад
Тақвию имону дин аз номусулмонӣ маро.
Фитратам, Айнӣ, чу тутиучмат аст, аммо расид
З-ониатинат муҳибонам суханадонӣ маро.

* * *

Аз фиғону нола ранҷондем ёри хешро,
Худ сияҳ кардем охир рӯзгори хешро.
Зиндагонӣ бе висоли дӯст мушкил кор буд.
Мурда осон кардаам якбора кори хешро,
Ноумедӣ бин ки худ ҳардам тасаллӣ медиҳам
Аз забони ӯ дили уммедвори хешро.
Бо қаду руҳсору зулфу чашму абрӯ бохтем
Ақлу ҳушу тоқату сабру қарори хешро.
Бо мудорои рақибон гар зи васлат бар хурам,
То қиёмат мебарам дору модари хешро.
Тангам аз бори ишқи худ, худоро, як замон,
Офтоби ман, намоён куни узори хешро.
Ишқ Айниро чунин беору беномус кард,
В-арна бо коре намеовард ори хешро.

* * *

Ин ҳама ширинлабон афтода дар банди Шумо,
Яъне аз ҷон бандаи лаъли шакарханди Шумо.
Аз хиромӣ дӯш дар даъвои раъное ба боғ
Банд карда найшакарро қомати қанди Шумо.
Эй қаду рухсору зулфу чашму абрӯ, раҳмате!
Як дили мискин чӣ хоҳад кард бо чанди Шумо.
Гарчи рафт аз ёдатон ёди дили ғамгини мо,
Дур бод аз ғам, илоҳо, табъи хурсанди Шумо.
Кай бувад аз лутфатон бар орзӯи дил расад
Айнии бечора, яъне орзӯманди Шумо.

* * *

Кадом гул, ки ба хубй зи боғ раста бароянд,
Миён ба хидмати ту бандавор баста бароянд,
Дам аз карашма занад бо вуҷуди чашми ту
наргис,
Аз ин муҷодила анҷоми кор хаста бароянд.
Ба боғ ой, ки дар пешвози рӯи накӯят
Шақоиқу суману лола даста-даста бароянд!
Ту ғар ба ин қади барҷаста сӯи раста барой,
Дили ҳама ба тамошо зи сина ҷаста бароянд.
Чӣ некбахту чӣ бедортолеъ аст касе, к-ӯ
Шаби дароз ба паҳлӯи ту нишаста бароянд!
Шаби фироқи ту Айнӣ ҳалок мешавад охир,
Зи об кӯза на ҳар бор ношикаста бароянд.

## ТАЗМИН БА ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Шаб ки ба ҳаҷри ту фиғон сар кунам,
Сомеаи аҳли ҷаҳон кар кунам.
Нола кунам, гирья кунам зор-зор,
Хотири ҳамсоя мукаддар кунам.
Соғари уммед ба хоро занам,
Бода надорам, ки ба соғар кунам.
Ҷанд ба зону зи алам сар ниҳам?
Ҷанд тамаинои ту бар сар кунам?
Ҷанд нишинам ба раҳат мунтазир?
Ҷанд нигаҳ фарши таҳи дар кунам?
Ҷанд макон бо ғами ҳиҷрон дар ин
Кулбаи торик мукаррар кунам?
Кай расад он рӯз, ки аз рӯи ту
Дидаи муштоқ мунаввар кунам?
Рӯй бар он пои нигорин ниҳам,
Даст бар он кокули анбар кунам.
Дар сифати оразн гулгуни ту
Номаи ашъор муаттар кунам.
Нотиқа икрор кунад бар кусур,
Пайравии Бедил агар сар кунам.

## ДАР ТАЗМИНИ МИСРАИ СОИБ: „ДАСТ АГАР КӮТОҲ БОШАД ОРЗӮЕ МЕКУНЕМ".

Орзӯи саҷдае бар хоки кӯе мекунем,
Обрӯ аз хоки кӯе орзӯе мекунем.
То наёлояд ба гарди аҷзи мо домони ноз,
Аз сиришки худ сари он кӯй ҷӯе мекунем.
Гар рафиқон сайри боғу лолаву гул мекунанд,
Мо дили худ шодмон аз ёди рӯе мекунем.
Меҳру маҳ дар бандагии меҳри рӯе медиҳем,
Сунбулу райҳон фидои тори мӯе мекунем.
Гар тамошои канори ҷӯ насиби мо нашуд,
Аз ду чашми худ канори хеш ҷӯе мекунем.
Шоми ҳиҷрон ёд меорем он мӯи миён,
Зери бори ғам мададҷӯй зи мӯе мекунем.
Аз ҳаловат шаҳд мебандад забони коми мо,
Бо лабаш гар орзӯи гуфтугӯе мекунем.
Соддагӣ бингар, ки меҷӯем мо аз оташ об,
Яъне уммеди висол аз тундхӯе мекунем.
Айнӣ, аз ин мисраи Соиб тасаллӣ ёфтам:
„Даст агар кӯтоҳ бошад орзӯе мекунем".

Шаъшаафшонии хуршеду мах,
Шаъшае, аз рухи тобони ӯст,
Чун рахам аз ишқ? ки бар ҳалқи дил
Ҳалқае аз турраи печони ӯст.
Нашканам он аҳд, ки бастам ба ӯ
Баски муаккид ба сару ҷони ӯст.
Айнии мискин шавад аз ғам ҳалок,
Гар шаби ҳиҷрон шаби ҳиҷрони уст.
„Кас назанад лофи сухан бар Камол,
Гар лабу дандон лабу дандони ӯст."

* * *

Рӯю мӯю чашму абрӯю даҳонат дилкаш аст,
Қадду басту ғабғабу холу лабонат дилкаш аст.
Шакли абрӯят камон, аммо камонат ҷонфазост,
Тори мижгонат синон, аммо синонат дилкаш аст.
Пешу пас майлонкунии қоматат бас дилрабост,
Ҳар тараф ҳам хӯрдани мӯю миёнат дилкаш аст.
Ҳам табассумрезии тарзи нигоҳат рӯҳбахш,
Ҳам шакаромезии таври баёнат дилкаш аст.
Ҳам гулистони ҷамоли безаволат дилкушост,
Ҳам баҳористони ҳусни бехазонат дилкаш аст.
Ҳам хиромат дилрабою ҳам адоят дилфиреб,
Ҳам каломат дилнишину ҳам забонат дилкаш аст.
Алғараз, сар то ба поят кони ҳусни дилбарист,
Нест ҳоҷат гуфтан инат ё ки онат дилкаш аст.

* * *

Менапурсад ҳоли ман, он меҳрубонамро чӣ шуд?
Ман зи танҳоӣ ба ҷонам, ёри ҷонамро чӣ шуд?
Ноумедӣ мекашад дар доғи ҳиҷронам зи сӯз,
Ваъдаҳои рӯҳбахши дилситонамро чӣ шуд?
Ё намедонад ба ҳаҷраш нотавониҳои ман,
Ё намехоҳад бигӯяд: „Нотавонамро чӣ шуд?"
Рози ишқаш доштам пинҳон ба мағзи ҷони худ
Ҷон зи ғам фарсуда шуд, рози ниҳонамро чӣ шуд?
Ҳаргиз уммедам набуд афтам ба ин рӯзи сиёҳ!
Толеи фирӯзу бахти комронамро чӣ шуд?
Ҷон дар оташ, ҷон балокаш, ҷон мушаввааш аз фироқ,
Ӯ чӣ медонад, ки ҷони нотавонамро чӣ шуд?
Эй хуш он дамҳо, ки будам шодком аз васли ӯ!
Шодмонии дили ношодмонамро чӣ шуд?..

* * *

Фозиле комил, ки дар ширинкаломӣ тоқ буд,
Сӯҳбаташро ҳар кӣ буд аз ҷону дил муштоқ буд.
Анҷуман аз нутки шаккарези ӯ пуршӯр буд,
Иҷтимоъ аз лутфи ҳазломези ӯ баррок буд.
Ҷони аҳли маҷлис аз тарзи каломаш сур дошт,
Табъи аҳли маҳфил аз лутфи баёнаш чоқ буд.
Лутфҳо мекард андар ҳар сухан аз зеҳни соф,
„Лутфӣ“-яш з-он рӯ лақаб машҳур дар офоқ буд.
Ҳайф якбора раҳи маъвои хомӯшон гирифт,
Тӯтии табъаш, ки дар ҳар анҷуман натток буд.
Гуфтам ин фозил кӣ буду соли таърихаш чӣ буд?
Килки Айнӣ зад рақам: „*Назруллаҳи ӯроқ буд*“.

с. 1916.

* * *

То маро он нури чашми меҳрубон аз даст рафт,
Тоқати тан, сабри дил, ороми ҷон аз даст рафт.
Рафт он гул аз назар ёрон фарьёдам намонд,
Булбули шўридаеам, ки фиғон аз даст рафт.
Гуфта будам дар шаби ҳиҷрон шикебой кунам,
Оҳ! Акнун чун кунам сабру тавон аз даст рафт.
Дар ҷаҳони бевафо дилбанди ман он буду бас,
Рафт дилбандам, сазад гўям ҷаҳон аз даст рафт.
Рафт то домони ороми дилу ҷонам зи каф
Қисса кўтаҳ мекунам, гўё ки ҷон аз даст рафт.

* * *

Фиғон аз ғаму дарду доғи ҷудой,
Ки э-ӯ шуд ба сад меҳнатам ошной,
Ҷудой зи ҳар чиз мумкин бувад, лек
Киро ҳаст ёрои аз ҷон ҷудой?
Зи ҷонон ҷудо кас чӣ сон зинда монад?
Зи ҷонон ҷудоист аз ҷон ҷудой.
Ҷудой ба ҳар ҳол мушкил, хусусан
Зи ҷонон ҷудой пас аз ошной,
Ба васлу ба ҳаҷр аз ту осудагӣ нест,
Ту, эй ишқ, бар ҷони ман як балой!
Ту, эй васл, нағзӣ! вале бе суботӣ!
Ту, эй ҳаҷр, дардӣ! вале бедавой!
Ба водии андӯҳ сарғашта гаштем,
Ту, эй раҳбари хуррамӣ, дар куҷой?!
Ҳамин аст фарьёди ман то ба мурдан:
„Фиғон аз ҷудой, фиғон аз ҷудой!".

## ТО БА КАЙ?

То ба кай ошуфтаи зулфи парешон аст дил?
То ба кай хунгаштаи лаъли сухандон аст дил?
То ба кай қурбони бераҳмии ҷонон аст дил?
То ба кай вайрони истибдоди ҳиҷрон аст дил?
То ба кай аз ғусса гирьён ҳамчу найсон аст чашм?
То ба кай аз доғ сӯзон ҳамчу найрон аст дил?
То ба кай аз бекасӣ ҳамроҳи фарьёд аст лаб?
То ба, кай аз берафиқӣ ёри афғон аст дил?
То ба кай дар хоку хуни ҳаҷр ғалтон аст тан?
То ба кай дар сӯзу доғи ишқ бирьён аст дил?
То ба кай аз хори роҳи ёр афгор аст пой?
То ба кай аз ҷавру зулми дӯст нолон аст дил?
То ба кай ҳам бар сари зонуи маъюсист сар?
То ба кай хун аз ҳуҷуми доғи ҳирмон аст дил?
Вақти он омад, ки дар саъю амал ҳиммат кунем.
Дар сари осудагии хеш худ хидмат кунем.

с. 1924.



## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲИЛОЛӢ

Эй моҳи ман, имшаб маҳи тобони кӣ будӣ?
Партавфикани гӯшаи айвони кӣ будӣ?
Ҷон аз ғамат омад ба лабам, ҷони кӣ будӣ?
„Дӯшина куҷо рафтию меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон буд, ту ҷонони кӣ будӣ?"

Дил аз кафи ман бурдию дилдори кӣ гаштӣ?
Оромфазои дили бемори кӣ гаштӣ?
Ман мурдам аз ин ранҷ, ки ту ёри кӣ гаштӣ?
„Ин ғусса маро кушт, ки ғамхорӣ кӣ гаштӣ?
В-ин дард маро сӯхт, ки дармони кӣ будӣ?"

Имшаб ки зи ман оразн гулгун бинуҳуфтӣ,
Рафтӣ ба ракибону ба ман ҳеҷ нагуфтӣ?
Эй ғунчаи сероб, ба бахти кӣ шукуфтӣ?
„Эй давлати бедор, ба паҳлӯи кӣ хуфтӣ?
Эй бахти гурезанда, ба фармони кӣ будӣ?"

Афрӯхта рухсори ту аз оташи саҳбо,
Бигдохта дар оташи ин рашк дили мо.

# Мухаммасҳо

Аз гирьяи мо шӯри қиёмат шуда барпо—
„Шӯре ба дили сӯхта афтод, бифармо,
Имшаб намаки синаи бирьёни кӣ будӣ?"

Афтодаам аз ҳаҷри ту андар тапишу таб,
Талх аст маро бе лаби ширини ту машраб.
Худ гӯй, кӣ нӯшид маи васл аз он лаб?
„Ман бо дили ошуфта чӣ донам, ки ту имшаб—
Ҷамъияти аҳволи парешони кӣ будӣ?"

Сӯзи дили Айнӣ зи табу сӯзи Ҳилолӣ,
Афтад ситамомӯзи ту дар рӯзи Ҳилолӣ!
Якдам нашудӣ шамъи шабафрӯзи Ҳилолӣ!
„Дур аз ту сияҳ буд шабу рӯзи Ҳилолӣ,
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?"

Айнисифат аз даст шуда кори Ҳилолӣ,
То чанд равӣ дар раҳи озори Ҳилолӣ?
Равшан накунӣ дидаи хунбори Ҳилолӣ?
„Дур аз ту сияҳ буд шаби тори Ҳилолӣ!
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?"

(Бухоро, мадрасаи Кӯкалтош,
соли 1316
ҳиҷрӣ—1899 милодӣ).

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲИЛОЛӢ

Бикуш ба тири нигоҳе чу мустаҳиққи азобам!
Макаш ба чеҳра ниқобу макуш ба нозу итобам!
Бубин ба чашми пуробам, бубахш бар табу тобам!
„Зи сӯзи сина кабобам, зи сели дида харобам,
Ту шамъи базми касонию ман дар оташу обам".

Биё ба ҳуҷра, ки пайдост ҷому бодаи беғаш!
Кушой чеҳраву бо мо даме нишину қадаҳ каш!
Ба оташам манишону макун зи рашк мушаввaш!
„Ба дигарон манишину ба ҷони ман мазан оташ!
Маро масӯз, ки ман худ дар оташи ту кабобам!"

Ғубори ғам ба талаттуф зи синаам бизудудӣ:
„Шавам чу маст диҳам бӯса" гуфта ваъда намудӣ,
Ба ҳуҷра дӯш ки ман будаму шаробу ту будӣ,
„Суоли бӯса намудам, вале ту лаб накушудӣ,
Сухан ба арз расиду дар интизори ҷавобам".

Ман он наям, ки бувад ошиқем лофию бодӣ,
Нагардам аз туву гардам туро, ки ҳурнажодӣ!

Аз гирьяи мо шӯри киёмат шуда барпо—
„Шӯре ба дили сӯхта афтод, бифармо,
Имшаб намаки синаи бирьёни кӣ будӣ?“

Афтодаам аз ҳаҷри ту андар тапишу таб,
Талх аст маро бе лаби ширини ту машраб.
Худ гӯй, кӣ нӯшид ман васл аз он лаб?
„Ман бо дили ошуфта чӣ донам, ки ту имшаб—
Ҷамъияти аҳволи парешони кӣ будӣ?“

Сӯзи дили Айнӣ зи табу сӯзи Ҳилолӣ,
Афтад ситамомӯзи ту дар рӯзи Ҳилолӣ!
Яклам нашудӣ шамъи шабафрӯзи Ҳилолӣ!
„Дур аз ту сиях буд шабу рӯзи Ҳилолӣ,
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?“

Айнисифат аз даст шуда кори Ҳилолӣ,
То чанд равӣ дар раҳи озори Ҳилолӣ?
Равшан накунӣ дидаи хунбори Ҳилолӣ?
„Дур аз ту сияҳ буд шаби тори Ҳилолӣ!
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?“

(Бухоро, мадрасаи Юнъалтой,
соли 1316
ҳиҷрӣ—1899 милодӣ).

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲИЛОЛӢ

Бикуш ба тири нигоҳе чу мустаҳиққи азобам!
Макаш ба чеҳра ниқобу макуш ба нозу итобам!
Бубин ба чашми пуробам, бубахш бар табу тобам!
„Зи сӯзи сина кабобам, зи сели дида харобам,
Ту шамъи базми касонию ман дар оташу обам".

Биё ба ҳуҷра, ки пайдост ҷому бодаи беғаш!
Кушой чеҳраву бо мо даме нишину қадаҳ каш!
Ба оташам манишону макун зи рашк мушавваш!
„Ба дигарон манишину ба ҷони ман мазан оташ!
Маро масӯз, ки ман худ дар оташи ту кабобам!"

Ғубори ғам ба талаттуф зи синаам бизудудӣ:
„Шавам чу маст диҳам бӯса" гуфта ваъда намудӣ,
Ба ҳуҷра дӯш ки ман будаму шаробу ту будӣ,
„Суоли бӯса намудам, вале ту лаб накушудӣ,
Сухан ба арз расиду дар интизори ҷавобам".

Ман он наям, ки бувад ошиқем лофию бодӣ,
Нагардам аз туву гардам туро, ки ҳурнажодӣ!

Маро агарчи ба паҳлуи хеш бор надодӣ,
„Ба гирди рӯи ту парвонаам, ки шамъи муродӣ!
Агар ту рӯй битобӣ, ман аз ту рӯй натобам".

Ба сад муросила, Айнӣ, кӣ як ҷавоб нагирад,
Чаро ба раҳ нафитад, роҳи изтироб нагирад?...!
Маро зи хоки раҳ ар ёр аз савоб нагирад.
„Ба қадри хоки раҳ аз ман касе ҳисоб нагирад,
Ба кӯи дӯст, Ҳилолӣ, бубин ки дар чӣ ҳисобам!"

(Бухоро, мадрасаи Кӯкалтош,
соли 1317 ҳиҷрӣ—1900 милодӣ).

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ СОИБ

Рафтам ба ҷустуҷӯяш дар кӯчаҳо давида,
Ҳам ҷома чок карда, ҳам пираҳан дарида,
Дар кӯи ӯ фитодам дар хоку хун тапида,
„Он маҳлиқо баромад аз хона май кашида,
Моил ба уфтодан чун меваи расида".

Гесӯи мушкбӯро тоби каманд дода,
Анворбахш рӯро хуршедсон кушода,
Дар ошиқ орзӯро карда басе зиёда,
„Нози баҳонаҷӯро дар як тараф ниҳода,
Шарми ситезахӯро дар хоку хун кашида".

Рӯи чу маҳ гирифта андар паноҳи соид,
Бар маҳ фурӯғ дода аз тоби моҳи соид,
Дар қатли ишқбозон бикшода роҳи соид,
„Молида остинро то бӯсагоҳи соид,
То ноф пираҳанро чун субҳдам дарида".

Бурқаъ зи рӯ кушода боғи ирам намуда,
Пайвастаабрувонро теғи дудам намуда,

Дилҳо ба дом баста зулфон чу хам намуда,
„Барқе зи абр ҷаста ҳар ҷо карам намуда,
Сарве зи хок раста ҳар ҷо, ки орамида".

Қад—нахлаи назокат, тан—пайкари латофат,
Лаб—чашмаи ҳаловат, рӯ—матлаи саодат,
Айни чу дида он маҳ боре ба ин қиёфат
„Дигар надида худро то домани қиёмат,
Соиб касе, ки ӯро масту хароб дида".

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ.

Дар боғи ҷаҳон нахли шакарбори ман ин аст!
Дар хони эмал лаъли хушбори ман ин аст!
Ҷони ману ҷонони ману ёри ман ин аст!
„Гӯ халқ бидонанд, ки дилдори ман ин аст!
Дилдори ҷафокори ситамгори ман ин аст!"
Эй бод, расон бар қадамаш мултамаси ман!
Шояд шавад ин лутфи ту фарьёдраси ман!
Дар олами имкон ба ҷуз ӯ нест каси ман,
„Маҳбуби ману ҷони ману ҳамнафаси ман,
Хеши ману пайванди ману ёри ман ин аст!"
Харчанд ки як бор накардӣ ту маро ёд,
Бе ёди ту ҳаргиз нашавад хотири ман шод,
Вақте ки дилам аз ғами ту буд ғамобод,
„Бӯи сари зулфат ба ман овард шабе бод,
Аз ҳамнафасон ёри ҳаводори ман ин аст!"
Айнӣ шуда дар анҷумани ишқ ғазалхон,
Хурсанд нишинад чи ба васлу чи ба ҳиҷрон,
Онҳо, ки надонанд сурури ғами ҷонон,
„Гӯянд: Камол, аз паи ӯ чанд кanӣ ҷон?
То ҳаст зи ҷонам рамақе—кори ман ин аст!"

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Сарам чуз хаёлат ҳавое надорад,
Ғамам бе висолат давое надорад,
Танам бе наволат навое надорад,
„Дилам бе ҷамолат сафое надорад
Чу бегонае, к-ошное надорад".

Гули рӯи зебо, бару дӯши насрин,
Қади сарви раъно, тани софи симин,
Лаби лаъли гӯё, сари зулфи мушкин—
„Ҳама чиз дорад дилорому лекин—
Дарего, ки бо мо вафое надорад!"

Ба он рӯи зебо, ба он холи мушкин,
Ба ин қадди раъно, ба ин зулфи пурчин
Супурдам дили хешро пок, лекин
„Матои дили поки ушшоки мискин
Ба бозори ҳуснаш баҳое надорад".

Дили Айнӣ ошуфта гашта чу мӯят,
Шабу рӯз гардид дар ҷустуҷӯят,
Сафо ёфт охир зи рӯи накӯят.
„Чу моҳ аст равшан, ки бе меҳри рӯят
Дилу ҷони Ҳофиз сафое надорад".

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ЯҒМО

Ба ҳичрон хушклаб ҷон медиҳам, эй ашк, тақтире!
Ниҳонӣ то ба чандин сӯхтан, эй оҳ ташҳире!
Ба навмедӣ талаф шуд умр, эй уммед, табшире!
„Ба ҷонон рози дил ногуфта монд, эй нутқ, тақрире!
Забонро нест ёрои сухан, эй хома, таҳрире!"

Расондам то фалак шаб то саҳар фарьёду афғонро,
Ниёзам то расад шояд ки гӯши нози ҷононро,
Ба рӯи хоки хорӣ хома карда килки мижгонро,
„Рақам кардам ба хуни дида шарҳи рӯзи ҳичронро,
Ба сӯи ӯ надорам қосиде, эй бод, шабгире!"

Задӣ теғам, намегӯям, ки ҷонам додай бар бод,
Чу мурғи нимбисмил метапам дар хун, вале дилшод,
Хуш он ошиқ ки аз захми паёпай ҷон ба ҷонон дод,
„Ба як захм аз ту қонеъ нестам, таъҷиле, эй сайёд!
Ба ҷон муштоқи захми дигарам, эй умр, таъхире!"

Дилу дину хирадро бурда савдо, панде, эй носеҳ!
Ба ҳоли бедилон то кай тамошо, панде, эй носеҳ!
Зи шӯри ишқ Айнӣ гашта расво, панде, эй носеҳ!
„Ба кори худ накӯ дармонда Яғмо, панде, эй носеҳ!
Ҷунунам карда расвои ҷаҳон, эй ақл, тадбире!

Тахминан с. 1915—1916.

## АЗИЯТ ВА ҲИҶРОН.
## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Сайру гашти лолазорон ёд бод,
Афту хези майгусорон ёд бод,
Ишрати фасли баҳорон ёд бод,
„Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,
Ёд бод он рӯзгорон, ёд бод!“

Сӯхт ҳиҷрон хирмани буньёди ман,
Гашт вайрон хонаи ободи ман,
Нест фориғ хотири ношоди ман,
„Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,
Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод“.

Дилбаронро фикри дилдорӣ намонд,
Ошиқонро қуввати зорӣ намонд,
Аз касе бар кас ғами ёрӣ намонд,
„Ин замон дар кас вафодорӣ намонд,
З-он вафодорону ёрон ёд бод!“.

Он ки дил аз баҳри ӯ аз даҳр гашт,
Кори ӯ дар бораи ман қаҳр гашт,

Оби чашмам шоми ҳиҷрон наҳр гашт,
„Комам аз талхии ғам чун заҳр гашт,
Бонги нӯши бодахорон ёд бод!“

Нест дар ғурбат касе ғамхораам,
Дар назарҳо чун хасе бекораам,
Дар куҷо монам сари овораам?
„Ман, ки дар тадбири ғам бечораам,
Чораи он ғамгусорон ёд бод!“

Мурд Айнӣ, дарди ӯ бинҳуфта монд,
Толеи насозгораш хуфта монд,
Ғунчаи уммедҳо нашкуфта монд,
„Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,
Эй дареғ, аз роздорон ёд бод!“

Июнь, 1917.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ А. ЛОҲУТӢ

Аз он рӯзе, ки бурдастӣ зи мо дил,
Надид аз илтифотат як адо дил,
Ба сад ғам гарчи гардид ошно дил,
„Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил,
Зиҳӣ дил, офарин дил, марҳабо дил“.

Дилам рафту зи пай сабру қарорам,
Кунун дар фикри дил ҷон месипорам,
Мапурседам ба дил чун аст корам,
„Зи дасташ як дам осоиш надорам,
Намедонам чӣ бояд кард бо дил“.

Чӣ гӯям, дил ба ман охир чиҳо кард?
Маро дар орзӯи худ фидо кард,
Зи савдоят маро дил дар бало кард,
„Ба чашмонат маро дил мубтало кард,
Фалокат дил, мусибат дил, бало дил“.

На ёрое ки фарьёде барорад,
На бахти он ки хун аз дида борад,

Ба ҳиҷронат кунун чун тоб орад?
„Даруни сина оҳе ҳам надорад,
Ситамкаш дил, парешон дил, гадо дил“,

Дар он вақте ки лофи ишқ мезад,
Муқаррар кард хуни хеш резад,
Чӣ ҷои он ки аз домат гурезад,
„Бишуд хоку зи кӯят барнахезад,
Зиҳӣ собитқадам дил, бовафо дил“.

Ба роҳи ишқ асар аз ман мапурсед,
Чу дил гум шуд, хабар аз ман мапурсед,
Чӣ ҷои дил, зи сар аз ман мапурсед,
„Зи ақлу дил дигар аз ман мапурсед,
Чу ишқ омад куҷо ақлу куҷо дил?“

Намегӯям ҳақ аз дил, ботил аз ту,
Вале дилрост ҳоле мушкил аз ту,
Ту хун гаштӣ зи дил, дил—бисмил аз ту,
„Ту, Лоҳутӣ, зи дил нолӣ, дил аз ту,
Ҳаё кун, ё ту сокит бош, ё дил“.

с. 1927.

### МАРСИЯИ МУСАДДАС БА АБЬЁТИ ҲАЗРАТИ МАВЛОНОИ ҶОМӢ

Рафтӣ, эй гулбуни навраста, зи бӯстони падар,
Булбул омад ба фиғон аз дили нолони падар,
Зи фироқи ту зад оташ ба муҳиббони падар,
Дили бирьёни падар, синаи сӯзони падар,
„Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирьёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар".

Баста будам ба ту дилро, ки ту худ дилбандӣ,
Чӣ шуд охир, ки ба якбора дил аз ман кандӣ?
Меҳри фарзандиву ойини ҷигарпайвандӣ
Ин буд оё, ки падарро ба бало афкандӣ?
„Сад раҳ аз дасти қазо сина ба нохун кандӣ,
Гар наяфтодӣ аз он рахна дар имони падар".

Дар баҳорон, ки шавад шод зи гул то хошок,
Дидаи мо шуда чун абри баҳорӣ намнок,
Сина гардида зи ғам чун гули сурӣ сад чок,
Зи чӣ рафтӣ ба таҳи хок ту, эй гулбуни пок?!
„Навбаҳор омаду гулҳо ҳама растанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро, эй гули хандони падар!"

Гар насӣи сӯи мо, боди сaборо бифирист,
Хабаре таслияти хотири моро бифирист,
Дард з-андоза фузун гашт, даворо бифирист,
Тира шуд чашм зи ғам нури зиёро бифирист,
„Шуд маро дида чу Яъқуб, худоро, бифирист
Бӯи пироҳанат, эй Юсуфи канъони падар“.

Ду-се соле рухи гулранг намоён кардӣ,
Хонаам аз гули рухсор гулистон кардӣ,
Падару хешу бародар—ҳама шодон кардӣ,
Зуд ҷамъияти ин силсила вайрон кардӣ,
„Хоб дидам, ки дили ҷамъ парешон кардӣ,
Оқибат рост шуд ин хоби парешони падар“.

Вақти он буд, ки тавсифи ҳаётат гӯям,
Ҳарфи ширинею тарзи ҳаракотат гӯям,
Кай гумон доштам абьёти мамотат гӯям,
Сухан аз талхии ҳоли сакаротат гӯям,
„*Ҷигарам сӯхта*“ таърихи вафотат гӯям,
Дили модар шуда оташзада бар сони падар.

с. 1916.

## МАРСИЯИ МУСАДДАС БА АБЬЁТИ ҲАЗРАТИ МАВЛОНОИ ҶОМӢ

Рафтӣ, эй гулбуни навраста, зи бустони падар,
Булбул омад ба фиғон аз дили нолони падар,
Зи фироқи ту зад оташ ба муҳиббони падар,
Дили бирьёни падар, синаи сӯзони падар,
„Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирьёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар".

Баста будам ба ту дилро, ки ту худ дилбандӣ,
Чӣ шуд охир, ки ба якбора дил аз ман кандӣ?
Меҳри фарзандиву ойини ҷигарпайвандӣ
Ин буд оё, ки падарро ба боло афкандӣ?
„Сад раҳ аз дасти қазо сина ба нохун кандӣ,
Гар наяфтодӣ аз он рахна дар имони падар".

Дар баҳорон, ки шавад шод зи гул то хошок,
Дидаи мо шуда чун абри баҳорӣ намнок,
Сина гардида зи ғам чун гули сурӣ сад чок,
Зи чӣ рафтӣ ба таҳи хок ту, эй гулбуни пок?!
„Навбаҳор омаду гулҳо ҳама растанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро, эй гули хандони падар!"

Гар наёи сӯи мо, боди саборо бифирист,
Хабаре таслияти хотири моро бифирист,
Дард з-андоза фузун гашт, даворо бифирист,
Тира шуд чашм зи ғам нури зиёро бифирист,
„Шуд маро дида чу Яъқуб, худоро, бифирист
Бӯи пироҳанат, эй Юсуфи канъони падар".

Ду-се соле рухи гулранг намоён кардӣ,
Хонаам аз гули рухсор гулистон кардӣ,
Падару хешу бародар—ҳама шодон кардӣ,
Зуд ҷамъияти ин силсила вайрон кардӣ,
„Хоб дидам, ки дили ҷамъ парешон кардӣ,
Оқибат рост шуд ин хоби парешони падар".

Вақти он буд, ки тавсифи ҳаётат гӯям,
Ҳарфи ширинаю тарзи ҳаракотат гӯям,
Кай гумон доштам абёти мамотат гӯям,
Сухан аз талхии ҳоли сакаротат гӯям,
„*Ҷигарам сӯхта*" таърихи вафотат гӯям,
Дили модар шуда оташзада бар сони падар.

с. 1916.

# Касидаҳо

* * *

Шаби дӯшина, ки дар гӯшаи саҳнам ҷо буд,
Сар пур аз ғулғулаву сина пур аз ғавғо буд.
Дар бари ман бинишаст омада Махдуми Сироҷ
Он ки дар ҳар бадию некии ман ҳамро буд.
Гуфт: „Бархез, агар толиби базмӣ, биравем,
Ба маконе, ки ҳама аҳли тараб он ҷо буд"...
Алғараз, ҳардуямон хеста ҷое рафтем,
Ки ҳама хона мусаффо, ҳама ҷо зебо буд,
Вусъате дошт фазояш, ки чу саҳро хуррам,
Рифъате дошт биноящ, ки басе аъло буд,
„Ҷannате" буд ба таъмиру, валекин „бе ҳур".
Лек якчанд гаву хар ивази „ҳуро" буд.
На зи хонанда нишоне, на зи раққос асаре,
Фақат овози наю сурнаю даф боло буд.
Сад-дусад устулу кат буд мураттаб он ҷо,
Ғайри асбоби тараб ҳар чи бувад, пайдо буд.
Гӯлаке чанд нишаста ҳама бар устулҳо—
„Ин читу базми накӯ" гуфта даҳоншон во буд,
Хуб ҷо буд, валекин зи тараб холӣ буд,
Базмаке буд хунук ё кураи сармо буд.
Баъди як чойник аз чой ба Махдум гуфтам:
„Ҳуҷраи танги ту сад бор аз ин авло буд..."

с. 1901.

* * *

Бехучраву бекуяму бечомаву дастор,
Бенуклу маю чангаму бемунису гамхор.
Пас чун бувад андар назари халқ маро қадр?
Пас чун шавад он шухи чафокор маро ёр?
Гирам, ки агар хучра маро гашт муяссар,
Асбоби тараб нест, пас он хучра чи даркор?
Асбоби тараб гар хама тайёр маро гашт,
Аз ноз нахохад расад он дилбари айёр;
Аз нозу гурур ар гузарад, пой гузорад
Дар хучраам, агъёр бигуянд, ки: „Магзор!"
Гар гуфтани агъёр ба гушаш надароянд,
Оянд ба дари мадраса бе захмати агъёр.
Хобонда хама гулгули „такрор", бигуянд:
„Оё ба кучо меравад ин давлати бедор?"
Алкисса, ки оянд, зи дари хучра дароянд,
Якбора зи по афтаму аз даст равад кор;
Дар ман на хирад монаду на хушу на ором,
На тоби рухаш диданy на тоқати гуфтор.
Аз гамзаи пурфитнаи чашми хама нозаш
Тороч шавад дину дилу хуш ба як бор.
Барбод равад хар чи ки омухтам аз илм,
Дар хидмати устоди замон ашрафи ахьёр...
Дар руи замин то асари бахсу чадал хаст,
Боло зи ту дал уқдаи хар маъници душвор.

с. 1961.

## „ДА ХЬЯК“

Боз ор зи бозор, шарик, аз пули „дахьяк“
Халвою мураббою кабобу маю шӯрак.
Як халта пур аз соягию пиставу бодом,
Як қуттӣ пур аз кӯфтаву руставу пашмак.
Табрик намоянд туро мардуми олам,
Хотам шаву сарқанд бубахшой ба ҳар як.
Асбоби тараб—чангу дутору наю танбӯр
Лозим бувад имрӯз рубобу дафу ғиччак.
Дарьёб духулзан, ки агар нест нақора,
Мутриб натавон ёфт раҳи зери баму бак.
Овози наю доираву нағмаи гармон
Гар чӯр шуд, аз чарх расад Зӯҳра ба қарсак,
Гармони Ғулом ин ҳама оҳанг надорад,
Тайёр кун имрӯз Ашӯрқозию думбак.
Бе ёр накӯ нест тараб, зуд хабар кун
Як дилбараки хурдтараки содаи шӯхак,
Навраста нигоре, ки ба чӯз бӯса таманно
Аз вай натавон кард, чу навбовай таррак...
Дар шаҳр муҳайё макун ин базм, ки гардем
Аз тӯҳмати ин мулдаиён мову ту сартак.

Саҳро ба тамошову тараб нек бувад, лек
Андар раҳи саҳро натавон рафт ба кӯтак.
Кӯтак натавон кард саворӣ ба чунин рӯз,
Ташвиш мабодо диҳад аз дак-даки ғалтак,
Бояд ки зи бозори Алаф зуд биёрӣ
Ду аспи накӯнок ду-се чорчилолак.
Гар тангаи даҳьяк нарасад ҳеч маҳӯр ғам,
К-имрӯз намонӣ ба ҷаҳон бепулу луччак.
Судхӯр барои ту муҳайёст, диҳад қарз,
Ҳам ҳуҷраву ҳам хона ситонад зи ту як-як...

Тахминан с. 1903.

## БАЗМ

Ба кунчи узлати мо ин замон, ки ёр расид,
Кӣ мебарад сӯи ёрони мо зи айш навид?
Зи савти дилкаши Қорӣ Камолу Қорӣ Начм
Зи нағма булбули бечора инфиол кашид.

Дилам сиёҳ шуд аз гиру дори Ҳочихон,
Кучост нағмаи чонпарвари Ҳалими сафед?
Ба маҳфиле ки Аточон ба тор захма занад,
Ба Зӯҳра нест дар он чо мачоли гуфту шунид.

Ба як сипориши Довуду Юсуфу Левӣ,
Зи чарх рақскунон бар замин расад Ноҳид.
Кифоя аст навои дутори Тоҳирчон,
Набояд аз паи Ҳочӣ Азиз ранч кашид.

Агар гурехта Яҳъёи мисгар аз ин шаҳр,
Бинои базми Амонхоча медиҳад ташйид.
Нишаста бар сари манқал Кариму Точиддин,
Ҳазор дойра аз зарби дасташон бикафид,

Раҳими қанд мабинод рӯи беҳбудӣ,
Зи туршрӯии ӯ кайфи аҳли базм парид.

Саҳро ба тамошову тараб нек бувад, лек
Андар раҳи саҳро натавон рафт ба кӯтак.
Кӯтак натавон кард саворӣ ба чунин рӯз,
Ташвиш мабодо диҳад аз дак-даки ғалтак,
Бояд ки зи бозори Алаф зуд биёрӣ
Ду аспи нақӯнок ду-се чорчилолак.
Гар тангаи даҳьяк нарасад ҳеч махӯр ғам,
К-имрӯз намонӣ ба ҷаҳон бепулу луччак.
Судхӯр барои ту муҳайёст, диҳад қарз,
Ҳам ҳуҷраву ҳам хона ситонад зи ту як-як...

*Тахминан с. 1903*

## БАЗМ

Ба кунҷи узлати мо ин замон, ки ёр расид,
Кй мебарад сӯи ёрони мо зи айш навид?
Зи савти дилкаши Қорй Камолу Қорй Наҷм
Зи нағма булбули бечора инфиол кашид.

Дилам сиёҳ шуд аз гиру дори Ҳоҷихон,
Куҷост нағмаи ҷонпарвари Ҳалими сафед?
Ба маҳфиле ки Атоҷон ба тор захма занад,
Ба Зӯҳра нест дар он ҷо маҷоли гуфту шунид.

Ба як сипориши Довуду Юсуфу Левй,
Зи чарх рақскунон бар замин расад Ноҳид.
Кифоя аст навои дутори Тоҳирҷон,
Набояд аз паи Ҳоҷй Азиз ранҷ кашид.

Агар гурехта Яҳьёи мисгар аз ин шаҳр,
Бинои базми Амонхоҷа медиҳад ташйид.
Нишаста бар сари манқал Кариму Тоҷиддин,
Ҳазор дойра аз зарби дастошон бикафид,

Раҳими қанд мабинод рӯи беҳбудй,
Зи туршрӯии ӯ кайфи аҳли базм парид.

Чӣ шуд, ки боз Раҷабхон ҳарифи маҷлис шуд,
Ҳазор бор—наӣ—гуфта кардаам таъкид.

Саломи аҳли тарабро ба Зикриё кӣ барад?
Ки ӯ зи анҷумани зиндагӣ алоқа бурид.
Бағи шуд ин ҳама асбоби хуррамӣ зи хаёл
Вагарна ҳуҷраи мо рӯи базм ҳеҷ надид.

с. 1908.

# Маснавиҳо

## ДОСТОНИ САЙРИ ШИРБАДАН

Зимистон гузашта, шуда навбаҳор,
Фалак беғубору замин сабзазор.
Ҳаво буд форам, на сарду на гарм,
Насимаш чу анфоси маҳбуба гарм:
Чи беди сиёҳу чи беди сафед,
Ҳама гашта хушбӯй чун мушкбед.
Дарахтони сесабзаи мевадор,
Шуқуфта зи мастӣ чу рӯи нигор.
Зи бас ҷашни фирӯзи наврӯз буд,
Ҳама чиз гӯё ки фирӯз буд.
Шуда ҷашн барпо ба наврӯзгоҳ
Ба як Ширбадан ном маъвои шоҳ.
Равон гашта мардум ҳазорон-ҳазор
Ба он ҷашн масрур ёрон ба ёр,
Фараҳнок буданду хурсанду шод.
Маро лек як кас намекард ёд.
Дар он рӯз берун зи байтулҳазан
Шудам. Якка рафтам ба он анҷуман,
Ки асбоби ишрат муҳайё ҳама,
Раҳу растаҳо хубу зебо ҳама,

Фурушанда ҳар қисм, гӯй ту, ҳаст,
Агар касби аъло, агар касби паст.
Хӯроки муҳайё зи ҳар гуна ош.
Палав бо чалав ҳар тараф ҷӯш-ҷӯш,
Ба пулдор рӯзӣ кабобу шароб,
Вале „бепулон хӯрда дуди кабоб".
Амирони аскар ба ҷои васеъ
Зада хиргаҳу хаймаҳои рафеъ.
Ба як сӯй хиргоҳи туҷҷор буд,
Ба як сӯй даллоли бозор буд.
Кашида ба хайма брезин ба сар,
Ки то барфу борон насозад асар.
Бисоти ҳарирӯ қати зарнигор
Ба ҳар хайма омода се то чаҳор
Ба дарбори шоҳӣ нишаста ба саф
Сипоҳони зарринкамар ҳар тараф,
Ки дар наздашон базм барпой буд,
Ба созу ба овозу рақсу суруд.
Зи анбухи мардум дар он анҷуман
Набуд лек як ҷои сӯзан задан.
Ба мардум набуд роҳи осоише
На ҷое, ки ёбанд оромише.
Ба по рост истода мекард гӯш
Тамошогар он созҳо, не ба ҳуш.
Ҳама ҳуш дар банди он ки мабод
Биафтад, диҳад ҷони ширин ба бод.
Бале, кас биафтад дар он растахез,
Шавад пайкараш бегумон рез-рез.
Мани хаста истода дар гӯшае,
Даҳан во, ду дида ба ҳар гӯшае.
Зи бими фитодан танам бемадор.
Баногоҳ як тӯдаи нобакор
Ба сӯям чу тарма давон омаданд.
Дилу дасту поям ба ҷон омаданд.

Ғараз, уфтодам зи по бар замин,
Ба тарзе, ки мақтуле аз рӯи зин.
Ба як сӯ тани хешро дар замон
Кашидам ба сад зӯр аз ҳавли ҷон.
Вале бими он буд дар айни хол
Ба анбӯҳи дигар шавам поймол.
Дар он ҳол як марди некӯсияр
Раҳондам аз он вартаи пурхатар.
Ба дӯкони худ бурду ҷое шинонд,
Зи қайди парешониам вораҳонд.
Мапурсидам аз номи он некмард,
Вале буд ӯро лақаб Ҳоҷӣ-Зард.
Зи аҳли замон марди ғамхори кас.
Тавон гуфт як Ҳоҷӣ-Зард асту бас.
Басе сол гардида гирди ҷаҳон,
Сухансанҷу ҳаззолу ширинзабон...
...Муяссар маро шуд чу ҷое чунон,
Нишастам зи ғам дуру осуда ҷон.
Ба Ҳоҷӣ бигуфтам зи шукрон сухан
Тамошокунон тарҳи он анҷуман.
Шуд охир чу ҳангоми созандагон,
Дафу ной бурданд аз он миён.
Паи гӯштини маърака соз шуд,
Сӯи гӯштини дидаҳо боз шуд.
Ҳама паҳлавонони зӯру далер
Қадам монда нотарс чун нарраშер.
Раванда чу Рустам паи корзор,
Чу Сӯҳроб дар ҷанги хасм устувор.
Ҳама чусту чолоку соҳибҳунар,
Ҳунарҳо нишон дода бар якдигар:
Ба даспечу қалмоқию қоқмаҳ
Занад он яке он дигарро ба таҳ.
Чу ҳангомаи гӯштин даргузашт,
Тамошогарон ҳар тараф ҳафту ҳашт,

Фурӯшанда ҳар қисм, гӯй ту, ҳаст,
Агар касби аъло, агар касби паст.
Хӯроки муҳайё зи ҳар гуна ош.
Палав бо чалав ҳар тараф ҷош-ҷош,
Ба пулдор рӯзӣ кабобу шароб,
Вале „бепулон хӯрда дуди кабоб".
Амирони аскар ба ҷои васеъ
Зада хиргаҳу хаймаҳои рафеъ.
Ба як сӯй хиргоҳи туҷҷор буд,
Ба як сӯй даллоли бозор буд.
Кашида ба хайма брезин ба сар,
Ки то барфу борон насозад асар.
Бисоти ҳариру қати зарнигор
Ба ҳар хайма омода се то чаҳор
Ба дарбори шоҳӣ нишаста ба саф
Сипоҳони заррикамар ҳар тараф,
Ки дар наздашон базм барпой буд,
Ба созу ба овозу рақсу суруд.
Зи анбӯҳи мардум дар он анҷуман
Набуд лек як ҷои сӯзан задан.
Ба мардум набуд роҳи осоише
На ҷое, ки ёбанд оромише.
Ба по рост истода мекард гӯш
Тамошогар он созҳо, не ба ҳуш,
Ҳама ҳуш дар банди он ки мабод
Биябтад, диҳад ҷони ширин ба бод.
Бале, кас биёфтад дар он растахез,
Шавад пайкараш бегумон рез-рез.
Мани хаста истода дар гӯшае,
Даҳан во, ду дида ба ҳар гӯшае.
Зи бими фитодан танам бемадор.
Баногоҳ як тӯдаи нобакор
Ба сӯям чу тарма давон омаданд,
Дилу дасту поям ба ҷон омаданд.

Ғараз, уфтодам зи по бар замин,
Ба тарзе, ки мақтуле аз рӯи зин.
Ба як сӯ тани хешро дар замон
Кашидам ба сад зӯр аз ҳавли ҷон.
Вале бими он буд дар айни ҳол
Ба анбӯҳи дигар шавам поймол.
Дар он ҳол як марди некӯсияр
Раҳондам аз он вартаи пурхатар,
Ба дӯкони худ бурду ҷое шинонд,
Зи қайди парешониам вораҳонд.
Мапурсидам аз номи он некмард,
Вале буд ӯро лақаб Ҳоҷӣ-Зард.
Зи аҳли замон марди ғамхори кас.
Тавон гуфт як Ҳоҷӣ-Зард асту бас.
Басе сол гардида гирди ҷаҳон,
Сухансанҷу ҳаззолу ширинзабон...
...Муяссар маро шуд чу ҷое чунон,
Нишастам зи ғам дуру осуда ҷон.
Ба Ҳоҷӣ бигуфтам зи шукрон сухан
Тамошокунон тарҳи он анҷуман.
Шуд охир чу ҳангоми созандагон,
Дафу ной бурданд аз он миён.
Паи гӯштин маърака соз шуд,
Сӯи гӯштин дидаҳо боз шуд.
Ҳама паҳлавонони зӯру далер
Қадам монда нотарс чун наррашер.
Раванда чу Рустам паи корзор,
Чу Сӯҳроб дар ҷанги хасм устувор.
Ҳама чусту чолоку соҳибҳунар,
Ҳунарҳо нишон дода бар якдигар:
Ба даспечу қалмоқию қоқмаҳ
Занад он яке он дигарро ба таҳ.
Чу ҳангомаи гӯштин даргузашт,
Тамошогарон ҳар тараф ҳафту ҳашт,

Хиромон гурӯҳе сӯи сабзазор,
Ба ҳам гарми ҳар гуна гуфтугузор,
Гурӯҳе шуда дар паи ошу об,
Гурӯҳе сӯи чавқаи Чилтаноб.
Ман он гаҳ тамошогаҳе кофтам,
Ба дарвозаи сирк раҳ ёфтам.
Чу белат гирифтам, шудам дар дарун,
Ки он ҷой будаст аълою дун:
Ба пеш устали ложагӣ буду бас,
Зада тахтаи „первойҳо“ зи пас,
Паси он зада тахтаи „второй“,
Ба тартиби нағзу ба тарҳи накӯй.
Ба саввум макон низ ҷои нишаст
Тамошогаронрост аз тахтабаст.
Чу буд белатам чорӯмин ҷойҳо,
Ба ҳоли забуни паси тахтаҳо,
Ба по рост истода кардам назар
Ҳама кори он сиркро сар ба сар:
Нахустин кашиданд симе дароз,
Баромад зани русии симбоз
Ба боло,
Чунон лӯъб оғоз кард,
Ту гӯӣ, ки мурғест парвоз кард.
Ба таҳсини ӯ ҷумлагӣ ҳамзабон—
Ҳама офаринхон, ҳама кафзанон.
Пас он гоҳ як аспи шабранги хуб
Намуда зани асббозе рукуб
Баромад, чунон сахт маҳмез кард.
Ки тавсан гаҳе резу гаҳ хез кард.
Набуд пешаш аз зина фарқи рикоб,
Ба ӯ буд болои зин ҷои хоб.
Пас он гоҳ ду руси бисьёр шӯх
Сухан карда оғоз бо номи бух.
Намуданд бо ҳазл гуфтушунуд,
Забоншон ба ман лек равшан набуд

Дигар паҳлавоне ба сони ҳузабр,
Сару синаву дасту поҳо ситабр
Баромад, ду-се санги вазнин зи ҷо
Ба сар бурду гардонду зад зери по.
Дигар нозанинони русинажод
Дилу ҳушу тоқат диҳанда ба бод
Ба овози созу ба оҳанги кӯс
Басе рақс карданд дар роҳи рус.
Дар он байн духтарчае Нина ном
Ба овози хубу ба ҳусни тамом
Суруде сароиду рақсе намуд,
Ба санъат, ту гӯй, ки мислаш набуд.
Ба овози ӯ ҳар касе гӯш кард,
Дигар созҳоро фаромӯш кард.
Паи рақс печид бар худ чунон,
Ки гуфтанд, ӯ ҳаст беустухон.
Пас он гаҳ иҷозат шуд аз он мақом,
Ки берун бароед, бозӣ тамом.

* * *

Чу берун шудам, дидам аз рӯи кор,
Ки соат гузаштаст хеле зи чор.
Маро буд дар шаҳр коре зарур,
Гузаштам зи савдои сайру сурур.
Ба дарвозаи Чилтаноб омадам,
На оҳиста, бо сад шитоб омадам.
Чу дидам яке фойтуне баҷо
Муҳайёст истода баҳри киро.
Зи чандию чунеш гуфтушунуд
Накарда, нишастам ба зудии зуд.
Зи дунбол се кас давон омаданд,
Сӯи фойтун дапкунон омаданд,
Ки: „ин фойтун аст баста ба мо,
Фуро зуду бигзор чуну чаро!"

Яке з-он се кас лек хомӯш буд,
Ба чашми ман он некмарде намуд.
Ба-дӯ гуфтам: „эй марди некӯамал!
Дигар фойтун нест дар ин маҳал.
Диҳетон дар ин ҷо маро низ ҷо,
Диҳам бекаму кост ҳаққи киро".
Ба-дин гуна як-ду суханҳои гарм
Дили он касон гашт филҷумла нарм.
Вале фойтунчии шуми дағал
Маро дид бечораву камбағал:
„Қӯюнг шелани",—гуфт,—„мулло тушунг!"
Намезад ба ман харф, илло „тушунг!"
Фуруд омадам пас ба сад изтироб,
Диле пур зи хун, дидаи пур зи об...

с. 1909.

* * *

Ҳар кас, ки назарбаланд бошад,
Фархундаю арҷманд бошад.
Ҳар кас, ки ба чизи кас назар дӯхт,
Худ иззати нафси хеш бифрӯхт.
Хоҳӣ ки шавӣ азиз, эй ҷон,
Бахшою бидеҳ, магиру мастон.
Бахшой на бо тарики исроф,
Мақсуди савод дор не лоф.

*с.* 1908.

* * *

Вазид аз бўстон боди бахорон,
Расид овози хуш аз обшорон.
Замини боғ шуд чун сабз зебо,
Чу бар сабза расида оби борон,
Хуш он кас, к-ў дар ин фаслу дар ин аҳд
Равад дар бўстон бо дўстдорон.
Кунад такрор дарси хеш аз саъй,
Ба пои сарви тарфи ҷўйборон...

с. 1908.

## „ҲАСАН ЗАД"

*Аз афсонаи халқ даи ҳифзуссиҳати бачагон назм ёфтааст*

Аҳмаду Йўлдошу Ҳасан, Фотима,
Дода ба дарси худашон хотима,
Ваҷдкунон ҷониби саҳро шуданд,
Рафта ба боғе ба тамошо шуданд.
Сояи беду лаби ҷў, пеши кишт,
Буд тарабовару анбарсиришт.
Манзараи сабза равонбахш буд,
Рўи замин лавҳаи пурраxш буд,
Бод вазида зи сари бедимушк
Мушк фишонда ба димоғони хушк.
Абр зада об гулу сабзазор,
Бурда зи рўи гулу сабза ғубор.
Замзамаи фохтаву андалеб,
Бурда зи ҷону дили мардум шикеб.
Буд дар он боғ зи ҳар гуна чиз,
Аз гулу аз сунбулу аз мева низ,
Олуву ангуру турунҷу хиёр,
Харбузаву тарбузу себу анор.

Молагав аз баски ба нав зода буд,
Чаккаву каймоқ ҳам омода буд.
Оши палав буду мураббои себ,
Мантуву угрову кабобу ҳасиб...
Аҳмади доно, ки накӯҳол буд,
Роҳбари зумраи атфол буд,
Гуфт ба атфол ки „эй дӯстон!
Манзили завқ асту сафо бӯстон.
Шод сӯи мазраа ҷавлон кунед!
Ҳар чи ки хоҳад дилатон, он кунед!
Лек бибояд, ки ба тарзи таом,
Ҳар чи ки гӯям, бикунедаш тамом.
Гар на батартиб танаъум кунед,
Офияти хеш ҳама гум кунед.
Ҳар ки агар гуфтаи ман рад кунад,
Бар хуши ҷони худаш бад кунад;
Хаставу бемор шавад оқибат,
Гиръя кунад, зор шавад оқибат;
Ҳам фитад аз „маҷмаа" дар печу-тоб
Ҳам занад ӯро Ҳасан аз эҳтисоб.
Эй, ки дилат ҳаст ба дониш гарав,
Гуфтаи чун қанди ман инак шунав.
Ош муайян куну авқот ҳам,
То раҳӣ аз ғусса, аз офот ҳам:
Субҳ яке, чошт яке, шом як,
Ҳар шабу рӯзак севу ҳангом як.
Субҳ агар ёфт шавад, тухму шир
Хуб ғизоест, надорад назир,
Чой ба қаймоқи пагоҳон хуш аст,
Шир чу ҷӯшонда хӯрӣ дилкаш аст;
Чошт, ки ҳангоми хуши иштиҳост,
Ҳар чи тановул бинамоӣ, равост.
Лек сабук хӯр ту ба ҳангоми шом,
То накунад хоби ту мухтал таом.

Чакка, ки дидем даҳон шуд пуроб,
Хуб бувад, хоса ба ошу кабоб.
Бомазаву зӯр бувад сабзавот,
Оши худ ислоҳ кун аз сабзаҷот,
Мева зи ҳар қисм ки бошад тамом,
Андаки он хуб пас аз ҳар таом...
Сиҳҳати худ дӯст бидоред агар,
Гуфтаи ман гӯш кунеду зибар..."
Ҷумлаи атфол ба ин панди нағз
Гӯш ниҳоданд ба ҳушу ба мағз.
Аҳд бубастанд барои амал,
Ҷаҳд намуданд ба рафъи касал.
Лек ба Йӯлдош наёмад асар
З-ин ҳама гуфтори чу дурру гуҳар,
Худсарӣ оғоз намуд аз нахуст,
Ҳар чи ки медид ҳамехӯрд чуст.
З-ин ҳама гуфтор тағофул намуд,
Субҳ зи ҳар мева тановул намуд,
Аз паси он зуд бинӯшид об,
Аз паси он харбуза в-онгаҳ кабоб...
Алғараз, ин худсари дур аз тамиз,
Хӯрд ба як рӯз чунин чанд чиз.
Оқибати кор ба ҳангоми шом,
Хаста шуд афтод ба бистар тамом,
Печиши ишкам, қаю исҳол шуд,
Бедилу бетоқату беҳол шуд...
Гашт аз ин ҳодисаи пуралам,
Шодии атфол мубаддал ба ғам.
Гуфт ба Йӯлдош Ҳасан аз итоб:
— Мекунам имрӯз туро эҳтисоб,
Мезанамат хоҳиши аҳди нахуст,
Зад ба сараш силаи сахти дуруст.
Монд аз ин воқеаи бемисол,
Дар даҳани халқ „Ҳасан зад" мақол.
Хомаи Айнӣ, ки бадин сон суруд,
Мақсади ӯ сиҳҳати атфол буд.

с. 1916.

## КИССАИ ПАРВОНА ВА КИРМАК

*Аз „Аз ҳар даҳан сухане“-и Маҳмуди Тарзӣ ба назм оварда шуд*

Фасли баҳорон, ки чаман саба буд,
Сумбулу шамшоду суман сабз буд.
Сояи беду лаби ҷӯ пеши кишт,
Дошт нишон аз лаби ҷӯи биҳишт.
Манзараи сабзи равонбахш буд,
Бӯи шукуфа ҳама ҷонбахш буд.
Бод вазида зи сари бедимушк,
Мушк фишонда ба димоғони хушк.
Абри баҳор об зада марғзор,
Бурда, зи рӯи гулу сабза ғубор.
Дашт зи хосияти фасли рабеъ
Ҷилва намуда ба ҷамоли бадеъ.
Замзамаи фохтаю андалеб
Бурда зи ҷону дили ёрон шикеб.
Кирмаке, алқисса, дар ин марғузор
Буд ниҳон дар таки як бутта хор.
Не сару не комати раъно дар ӯ,
Не сару не сурати зебо дар ӯ.

Ҳам яке парвонаи густох буд,
Гоҳ ба ин, гоҳ ба он шох буд.
Маст ба ҳар сӯи чаман мечамид,
Гоҳ ба гул, гаҳ ба суман мечамид.
Ҳайъаташ аз ғояти озодагӣ,
Зеб ба гулҳои чаман додагӣ,
Тобиши хуршед фитад бар параш,
Чун пари товус шавад ҳар параш,
Оби таровват чакад аз ҳайъаташ,
Бӯи латофат расад аз ҷийъаташ.*
Гоҳ нишасташ зи сари ноз буд,
Гоҳ далерона ба парвоз буд.
Баски зи парвоз худаш маст буд,
Сарви баландаш ба назар паст буд.
Кирмаки бечора, ки парвона дид,
Зиндагии хеш фақирона дид.
Оҳ кашид аз сари аҷзу ниёз
Аз ғаму андӯҳ фиғон кард соз.
Гуфт: „Ниҳодаст худои алим
Бар ману парвона чи фарқе азим
Ман кию парвонаи мағрур кӣ?
Зарраи бекадр кию ҳур кӣ?
Ман ба ҳама зиштию афтодагӣ
Ӯ ба ҳама хубию озодагӣ.
Ман натавонам шудан аз хок пок,
Ӯ зи сафо карда дили пок чок.
Маскани ман ҳаст ба лои замин,
Ӯ ба фалак рафта ба ҷои замин.
Ҳар кӣ маро дид нуфур оварад,
Ӯ ба ҳама нозу ғурур оварад.
Ҷонваронем зи як обу хок,
Ӯ ҳама бедардею ман дарднок....“

* Калимаи арабӣ буда, маъниц омаданро медиҳад.

Кирмаки бечора ба ин ҳасби ҳол
Буд, ки бархост яке қилу-қол.
Дид ки ҷамъияти атфол буд,
Ҳар як аз ин ҷамъ ба як ҳол буд.
Он яке аз ғояти шодию шавқ
Ёфта ҳар ҷои чаман ҷои завқ
В-он дигар аз завқу сафо медавид,
Ҳамчу ғизолон ба чаман мечамид.
Фирқае машғули тамошои гул,
Фирқае гил хоста бар ҷои гул.
Тифле аз ин ҷамъ чу парвона дид,
Сирати ӯ дилкашу ҷонона дид.
Шавқи гирифтан ба дилаш кард ҷӯш
Ҷониби атфол яке зад хурӯш:
„Хон бидавед ин чи бало дилкаш аст!
Зуд бигирем ба бозӣ хуш аст...“
Ҷумла давиданд ба шавқу сурур
Аз паи парвонаи соҳибғурур.
Ҳар қадар ин ҷонвар аз ҷон шитофт,
Аз кафи атфол халосӣ наёфт.
Кӯшишу шавқи талабу саъйи том
Сайди маонӣ бидарорад ба дом.
Аз талаби ҷиддии гирандагон
Чун раҳад ин ҷонвари нотавон?
Оқибат афтод ба чанголашон.
Шод аз ин сайд шуд аҳволашон.
Он яке аз бол кашид аз аҷаб
В-он дигар аз пой ба шавқу тараб.
Оқибат ин ҷонвари номурод
Мурду парешон шуду ҳар сӯ фитод.
Кирмаки бечора, ки ин ҳол дид.
Ҳолати худ мӯҷиби иқбол дид.
Гуфт ки „сад шукр, ки зебо наям,
Худсару мағруру худ-оро наям.

В-арна маро низ чунин буд ҳол,
Мешудам афтода ба ранҷу малол
Ибратам ин бас бисарою бисанҷ,
Қибру ғурур аст зи асбоби ранҷ.
Он, ки дар ин маърака худрой шуд,
Худсару худбину худ-орой шуд,
Оқибаташ ҳол бадин сон шавад,
Маъракаи бозии тифлон шавад…"
Хомаи Айнӣ, ки ба ибрат сиришт,
Қиссаи парвонаву кирмак навишт.

с. 1917.

## БОМДОДИ БАҲОРОН

Айёми баҳору бомдодй,
Вақти фараҳ асту гоҳи шодй.
Бар ҷониби марғзор бинй,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинй,
Ҳаст оби равон, равон ба ҳар сӯ,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯ,
Аз бӯи гулу гиёҳи навхез,
Боди саҳарист анбаромез,
Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам,
Бархоста сарв, гул шукуфта,
Наргис лекин ҳанӯз хуфта,
З-ин коҳилй асту бешуурй,
Машҳур шудаст ӯ ба кӯрй.
Занбӯри асал кашад зи ҳар сӯ,
Шира зи шукуфаҳои хушбӯ,
Гунҷишк ба саъйи хеш дона
Аз дашт барад ба сӯи хона,
Хоҳ мӯр асту хоҳ мор аст,
Ғарқи амал аст, маҳви кор аст.

Айб аст, ки одаме дар ин ҳол
Бекор ба гӯшае бихобад,
Дуньё гардидааст фаъол,
Ӯ бар коре набаршитобад.

с. 1917.

## САҲАРГОҲОН

Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,
Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд.
Шумо, эй булбулони боғи мактаб!
Саҳаргоҳон набояд хуфт ҳар шаб.
Шумо ҳам дар наво оед бояд,
Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд.
Саҳаргоҳон гулистони дабистон
Тароватбахш бошад чун гулистон.
Чаро аз ин гулистон гул начинед?
Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?
Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

с. 1917.

# Суруд ва бадеҳаҳо

## ШАБИ ТАНҲОЙ

Шаби танҳой, дили ман хун шуд,
Дили ман хун шуд, шаби танҳой.
Дили шайдой ба куҷо гум шуд?
Ба куҷо гум шуд дили шайдой?
Ба кӣ мегӯям дили хунгашта?
Дили хунгашта ба кӣ мегӯям?
Зи кӣ меҷӯям дили гумгашта?
Дили гумгашта зи ки меҷӯям?
На маро ҳамдам, на маро мӯнис,
На маро мӯнис, на маро ҳамдам.
На маро маҳрам, на маро мушфиқ
На маро мушфиқ, на маро маҳрам,
Сари расвой сари ман дорад,
Сари ман дорад сари расвой.
Сари савдой ба куҷо монам?
Ба куҷо монам сари савдой?
На маро хона, на маро бистар,
На маро бистар, на маро хона.
На маро лона, на маро болин,
На маро болин, на маро лона.

Чӣ бало мушкил алами дурӣ?
Алами дурӣ чӣ бало мушкил?
Наравад аз дил ғами маҳҷурӣ,
Ғами маҳҷурӣ наравад аз дил.
Ғами ҳамзодон чӣ ситам бар ман?
Чӣ ситам бар ман ғами ҳамзодон?
Алами ҳиҷрон чӣ ҷафо бар ман?
Чӣ ҷафо бар ман алами ҳиҷрон?...
Чӣ кунам, ё раб, шаби танҳоӣ?!
Сари савдоӣ, дили шайдоӣ.
Ба ҷаҳон бо ҳам зи ҷаҳон барҳам
Бихӯрад, ё раб, шаби танҳоӣ!

с. 1918.

* * *

Доманаи кӯҳ—лолаи анбӯҳ,
Бар сари ман ҳавои ту зиёда карда.
Роҳ пур аз санг—маркаби ман ланг,
Шавқи ту дар роҳи туам пиёда карда.

Кабк паридо—аз чӣ рамидо,
Тири нигоҳе магараш нишона карда.
Мурғи хушилҳон—булбули хушхон,
Васфи гули рӯи туро тарона карда.

с. 1924. (Аз повести „Одина")

* * *

Рахи ин кӯхпоя месипарам,
Гоҳ бар теға гоҳ дар камарам,
Ба ту, эй сарви ноз, мунтазирам,
Шод кун, шод кун, биё ба сарам!

Бе ту ҷисмам хароб хоҳад шуд,
Ҷигарам—оҳ...—об хоҳад шуд,
Хораам ҷои хоб хоҳад шуд,
Лутф кун, лутф кун, биё ба сарам!

Дар ҷаҳон шуд насиби ман бе вай
Ҳаҷри ҳамвора, доғи пай дар пай,
То кай ин бемурувватӣ, то кай?
Раҳм кун, раҳм кун, биё ба сарам.

с. 1929. (Аз ҳикояи „Моҳрӯй"

* * *

Дар кӯҳу дар дашт лола расида,
Дар боғу дар кишт сабза дамида.
Бингар ба ҳар ҷо, ҷуз хотири мо
Боди муроди шодӣ вазида.
Эй боди хушбӯй, аз вай хабар гӯй!
Оё нигорам ояд давида?
Аз дидаву дил бе ту чӣ ҳосил?
Э қуввати дил, э нури дида?!

с. 1929. (Аз романи „Дохунда")

*
* *

Ғарибонро кӣ мепурсад
дар ин шоми ғарибона,
Тамоми халқ бепарво,
тамоми мулк бегона.
Сарам чун чарх мегардад,
танам чун бед меларзад,
Дилам чун кӯра месӯзад,
дар ин шоми ғарибона.
На мулкам ҳасту не молам,
на кас пурсад зи аҳволам,
Зи шаб то рӯз менолам
дар ин кӯҳсори бегона.

с. 1929. (Аз романи „Доҳунда")

* * *

Дил хуш асту гул хуш асту хониши булбул хуш аст,
Хониши булбул хуш аст, аммо ба пеши гул хуш аст.
Ӯ дар он ҷо, ман дар ин ҷо нолаҳо дорам зи ҳачр,
Кай тавон гуфтан маро аз нолиши худ дил хуш аст.

с. 1929. (Аз романи „Дохунда")

## ШОҲДУХТАР

— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Абрукат ба ман бинму шавум бар ту ғулом!
— Абрукам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор ӯсма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.
— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Чашмакат ба ман бинму шавум бар ту ғулом!
— Чашмакам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор сурма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.
— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Рӯякат ба ман бинму, шавум бар ту ғулом!
— Рӯякам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
Дар бозор кулча надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

с. 1929. (Аз романи „Дохунда“).

# Қитъа, рубоӣ ва абёти пароканда

## „ФАСЛУ БОБ"

Наздик гашта мавсими дахъяк чу, эй шарик,
Таҳсили илму фазл накуи, „фаслу боб" хон!
Маънии фасл—восита, маънии боб—дар,
Таҳсили ин ду ҳосили аз фаслу боб дон!
Яъне дари сарои мумайиз раву нишин,
Аз баҳри хеш восита ҳам ёбу баринишон.
Лозим бувад, ки воситаат бошад аз дарун,
Зеро даруни боб бувад фаслро макон.
Инҷаст фаслу боб, ки кардам баён манаш,
Гар маънии дигар бувад ӯро, намо баён.

[illegible] с. 1905,

* * *

Мероси ман зи моли падар буд хумчае,
Он ҳам бубин, ба мадраса вақфи шароб шуд.
Ин ҳам шунидаинст, ки сӯфии мадраса
Дар хизмати шаробпазон зарфьёб шуд.

* * *

Бе ту ба ҳиҷрон хун рехт чашмон,
Боз о хиромон, эй нури дида.
Ҳар сӯ давидем, ҳаргиз надидем
Чун рӯи моҳаш ҳусне гузида.

* * *

Кист он кас, ки шири софу лазиз
Ба шумо аз ҷигар расонду чашонд,
Баҳри осоиши шумо аз хоб
Хост, гаҳвораи шумо ҷунбонд,
Шустушӯ карда дасту пои шумо,
Аз муҳаббат ба ҷои пок нишонд?
(Ҷавоб: волидаи меҳрубон).

с. 1908.

* * *

Кист он кас рӯз то бегаҳ давид,
Ошу нон баҳри шумо тайёр кард,
То шумо дар мактаб омӯзед илм,
Ҷумла кори хонаву бозор кард,
То шумо доно шаведу бо тамиз,
Аз насиҳат гӯшатон пурбор кард?
(Ҷавоб: падари бузургвор)

с. 1908.

* * *

Кӯҳ бо он ҳама сангиндилию хорой,
Натвонад, ки таҳаммул бикунад вулқонро.
Дили ошиқ, ки фасурда зи ғаму андӯҳ аст,
Ба чӣ сон сабр намояд алами ҳиҷронро?

* * *

Имрӯз, ки ёрро назар нест ба ман,
Дар лавҳаи офият гузар нест ба ман.
Гӯянд: „Макун зориву аз зар бигзар!“
Аммо чӣ тавон кард, ки зар нест ба ман.

11—2345

* * *

Дар мадраса ҳуҷраи қулай нест маро,
Дар майкада ваҷҳи нуқлу май нест маро.
То кай гӯям, ки ину вай нест маро,
Билҷумла ба даҳр ҳеҷ шай нест маро.

* * *

Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,
Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб,
Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:
Одам нашавад касе магар аз мактаб.

* * *

Аз дабистони ғамат тифли дили Айнии зор,
Иду одина ба ҳам омаду озод нашуд.

* * *

Шоми ҳичрон васфи рӯи он сумантан мекунем.
Ҳолати нозъ аст, аз он рӯ хона равшан мекунем.

* * *

Сузад ин оташи бебок агар пайкари ман,
Бубар, э бод, ба чонон кафи хокистари ман.

# Мундарича

**Шеърхои даврaи совети**


Марши хуррият . . . . . . . . . . . 9
Ба шарафи Инкилоби Октябрь . . . . . . . . 11
Марсия . . . . . . . . . . . . 13
Инкилоб (ба журнали „Шуълаи инкилоб") . . . . 16
Инкилоб . . . . . . . . . . . . 17
Ахгари инкилоб . . . . . . . . . . 19
Инкилоби сурх . . . . . . . . . . . 20
Таронаи камбагалон . . . . . . . . . 21
Шоистаи хурмат . . . . . . . . . . 23
15 сол . . . . . . . . . . . . . 25
Корвони сурх . . . . . . . . . . 27
Хонаи лашкари сурх . . . . . . . . . 28
Пайрав зи миён рафт . . . . . . . . . 29
„Совка" . . . . . . . . . . . . 30
Октябри 16 сола . . . . . . . . . . 32
Яке аз шермардон . . . . . . . . . . 36
Як хайти ачиб . . . . . . . . . . . 37
Точикистон . . . . . . . . . . . . 39
Мо метозем . . . . . . . . . . . 42
…стони зафар . . . . . . . . . . . 43
Ба А. С. Пушкин . . . . . . . . . . 46
Кахрамон Ленинград . . . . . . . . . 50
Суруди зафар . . . . . . . . . . . 52
Касидаи чанг ва зафар . . . . . . . . . 54

Салом! . . . . . . . . . . . . . . 58
Ба Маяковский . . . . . . . . . . . . 60

**Ғазалиёт**

Гули сурх . . . . . . . . . . . . 65
Эй ба гулгунрухи ту бандаю чокар гули сурх . . . . 66
Ёрро аз лутф бар холам назар будӣ, чӣ будӣ? . . . . 67
Карда маддохии рӯи ту тақаббул булбул . . . . . 68
Мувашшаҳ . . . . . . . . . . 69
Хоки пои дӯстон шуд тутиёи дидаи ман . . . . 70
Гар ба гулшан анҷуманпиро хиромовар шавад . . . 71
Рӯзи ид аст, эй ҳарифон, бода дар соғар кунед! . . . 72
Дерест, к-аз зулфи сияҳ савдо ба сар дорӣ маро . . 73
Рӯзи ид асту маро ҷуз ёру май даркор нест . . . 74
Ҳар кучо он қомати зебо хиромонӣ кунад . . . . 75
Агар зи ноз дутор он маҳи ягона занад . . . . . 76
Афтодӣ то гузори ту пеши дукони атр . . . . . 78
Хезед, рафиқон, маи гулранг биёред . . . . . 79
Дӯстон, арзи умедам бар нигори ман баред . . . . 81
Дар такмили ду байти имтиҳонии Зулфи Эронӣ . . . 82
Аз фиғону нола ранҷондем ёри хешро . . . . . 83
Ин хама ширинлабон афтода дар банди Шумо . . . 84
Кадом гул, ки ба хубӣ зи боғ раста барояд . . . . 85
Тазмин ба ғазали Бедил . . . . . . . . . 86
Дар тазмини мисраи Соиб: „Даст агар кӯтоҳ бошад . . 87
Дар тазмини мисраи Камол: „Гар лабу дандон . . . 88
Рӯю мӯю чашму абрӯю даҳонат дилкаш аст . . . . 90
Менапурсад холи ман, он меҳрубонамро чӣ шуд . . . 91
Фозиле комил, ки дар ширинкаломӣ тоқ буд . . . 92
То маро он нури чашми меҳрубон аз даст рафт . . . 93
Фиғон аз ғаму дарду доғи ҷудоӣ . . . . . 94
То ба кай? . . . . . . . . . . . . 95

**Мухаммасҳо**

Мухаммас бар ғазали Ҳилолӣ . . . . . . . . 99
Мухаммас бар ғазали Ҳилолӣ . . . . . . . . 101
Мухаммас бар ғазали Соиб . . . . . . . . 103
Мухаммас бар ғазали Камоли Хуҷандӣ . . . . . . 105

Мухаммас бар ғазали Ҳофиз . . . . . . . . 106
Азият ва ҳиҷрон мухаммас бар ғазали Яғмо . . . . 107
Мухаммас бар ғазали Ҳофиз . . . . . . . . 108
Мухаммас бар ғазали А. Лоҳутӣ . . . . . . 110
Марсияи мусаддас ба абьёти ҳозираи Мавлонои Ҷомӣ . 112

### Қасидаҳо

Шаби дӯшина, ки дар гӯшаи саҳнам ҷо буд . . . . 117
Бекуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор . . . . . 118
„Даҳьяк" . . . . . . . . . . . . . . . 119
Базм . . . . . . . . . . . . . . . . 121

### Маснавиҳо

Достони сайри Ширбадан . . . . . . . . . 125
Ҳар кас, ки назарбаланд бошад . . . . . . . 131
Вазид аз бӯстон боди б хорон . . . . . . . 132
„Ҳасан зад" . . . . . . . . . . . . . 134
Қиссаи парвона ва кирмак . . . . . . . . 136
Бомдоди баҳорон . . . . . . . . . . . 140
Саҳаргоҳон . . . . . . . . . . . . . 142

### Суруд ва бадеҳаҳо

Шаби танҳоӣ . . . . . . . . . . . . . 145
Доманаи кӯҳ . . . . . . . . . . . . . 147
Раҳи ин кӯҳпоя меспарам . . . . . . . . . 148
Дар кӯҳу дар дашт дола расид . . . . . . . 149
Ғарибонро кӣ мепурсад . . . . . . . . . 150
Дил хуш аст . . . . . . . . . . . . . 151
Шоҳдухтар . . . . . . . . . . . . . . 152

### Қитъа, рубоӣ ва абьёти пароканда

„Фаслу боб" . . . . . . . . . . . . . 155
Мероси ман зи моли падар буд ҳумчае . . . . . 156
Бе ту ба ҳиҷрон . . . . . . . . . . . . 157
Кист он кас, ки шири софу лазиз . . . . . . 158
Кист он кас рӯз то бегаҳ давид . . . . . . 159
Кӯҳ бо он ҳама сангиндилию ҳорой . . . . . 160

Имрӯз, ки ёрро назар нест ба ман . . . . . . 161
Дар мадраса ҳуҷраи кушой нест маро . . . . . 162
Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб . . . . . 163
Аз дабистони ғамат . . . . . . . . . . 164
Шоми ҳиҷрон . . . . . . . . . . . 165
Сӯзад ин оташи бебок агар пайкари ман . . . . 166

С. АЙНИ

ИЗБРАННЫЕ СТИХИ

(на таджикском языке)

Рассом *Н. Зобнин*
Муҳаррири расмҳо *А. Винников*
Муҳаррир *Б. Сирус.*
Муҳаррири техникӣ *И. Полторак*
Корректор *С. Хаимова*

Ба матбаа супорида шуд 7/III-1958.

## ТАСҲЕҲ

| Саҳ. | Сатр | Чоп шудааст | Хонда шавад |
|---|---|---|---|
| 55 | 3 аз поён | тӯб | тӯп |
| 68 | 1 „ „ | чун ғул | чун ғул |
| 75 | 1 „ „ | тоғафулпеша | тағофулпеша |
| 82 | 7 „ „ | хайрони | хайронӣ |
| 84 | 3 аз боло | хиромӣ дӯш дар даъвои раъное | хироми дӯш дар даъвои раъной |
| 91 | 3 „ „ | мекашад | мекушад |
| 131 | 2 аз поён | савод | савоб |

Заказ № 2345, тираж 14000.

Имрӯз, ки ёрро назар нест ба ман . . . . . . 161
Дар мадраса ҳуҷраи кулай нест маро . . . . . 162
Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб . . . . . 163
Аз дабистони ғамат . . . . . . . . . . 164
Шоми ҳиҷрон . . . . . . . . . . . 165
Сӯзад ин оташи бебок агар пайкари ман . . . . 166

С. АЙНИ

ИЗБРАННЫЕ СТИХИ

(на таджикском языке)

Рассом *П. Зобнин*
Муҳаррири расмҳо *А. Винников*
Муҳаррир *Б. Сирус.*
Муҳаррири техникӣ *И. Полторак*
Корректор *С. Хаимова*

Ба матбаа супорида шуд 7/III-1958.
Ба чопаш имзо карда шуд 3/IV-1958.
Формат $84 \times 108^{1}/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 5,375.
Ҷузъи чопии шартӣ 8,7.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,96. КЛ 00089.
Тираж 14000. Нархаш 4 с. 10 т. Заказ № 2345.

Сталинобод. Комбинати полиграфии
Вазорати Маданияти РСС Тоҷикистон.